# ТОҶИКИСТОН: ФОРУМИ РУШДИ с.2012

**Рӯйнамои Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд (ШҲР)**

**11 декабри соли 2012**

# МУНДАРИЧА


I. САРСУХАН ............ 4

II. НАТИЧАҲОИ СПСК-3—НИГОҲ БА ГУЗАШТА ............ 4

A. Тамоюлҳои макроиқтисодӣ—пешравии устувор ............ 4

B. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ)—Пешрафти номунтазам ............ 5

C. Бахши хусусӣ—Қонунҳои муҳим қабул шудаанд, аммо татбиқи онҳо вазифаи аввалиндарача ба ҳисоб меравад ............ 6

D. Ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ—Пешравии суст, аммо устувор ............ 8

E. Амнияти энергетикӣ, озуқаворӣ ва алоқа—Афзалиятҳои президентӣ ............ 9

III. ҚАДАМҲОИ МИНБАЪДА-МАВЗӮЪ ВА ПАЁМҲОИ СИЁСАТ БАРОИ 2013-15 ............ 10

A. Қарор додани мардум ҳамчун афзалият ............ 10

B. Пешбинӣ ва идоракунии хавфҳо ............ 11

C. Истифодаи оқилонаи захираҳои давлатӣ ............ 12

D. Баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ ............ 13

IV. ТАШАББУСҲОИ ШАРИКОНИ РУШДИ ШҲР ............ 14

Замимаи 1:Ӯҳдадориҳои аъзоёни ШҲР дар Тоҷикистон, 2010 -2012 ............ 17

Замимаи 2: Маълумоти мухтасар оид ба Тадқиқоти Бонки ҷаҳонӣ аз соли 2012: Дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ............ 18

Замимаи 3: Принсипҳои умумии ҳамкорӣ ............ 26

Замимаи 4: Рӯйхати аъзоёни ШҲР ва Намояндагон ............ 28

# ТОҶИКИСТОН: ФОРУМИ РУШД
## ш. Душанбе, 11 декабри соли 2012
## Рӯйнамои Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд (ШҲР)

## I. САРСУХАН

**1. Ҳадафи умумии Шӯрои ҳамоҳангсозии рушд (ШҲР)**[1], ки дар Эъломияи Париж аз соли 2005 оид ба самаранокии кӯмаки беруна, Барномаи Аккра аз соли 2008 ва Ҳамёрӣ ҷиҳати ҳамкории самаранок бо мақсади рушд (Пусан) аз соли 2011 асос ёфтааст, таъмин намудани самаранокии фаъолияти аъзоёни худ дар самти рушд дар Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Бо назардошти ҳадафи мазкур, ШҲР дар мубодилаи иттилоот ва ҳамкорӣ байни аъзоён мусоидат намуда, бо Ҳукумати ҶТ дар самти афзалиятҳои рушди кишвар муколама баргузор менамояд. Кӯмаки ШҲР ба Тоҷикистон ҷиҳати дар амал татбиқ намудани 3-юмин Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ (СПСК-3) бо ӯҳдадории умумии зиёда аз 1.3 млрд. долл. ИМА барои солҳои 2010-12 (Замимаи 1), аз рӯи нӯҳ принсипи самаранокии кӯмаки беруна, ки бо ҳадафҳои соли 2010 дар Эъломияи Париж қайд шуда алоқаманданд, амалӣ намуд. Илова бар ин, кӯмаки ШҲР дар амалӣ намудани Стратегияи нави миёнамӯҳлати баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ дар кишвар (СБСЗ) дар рӯйхати навшудаи даҳ Принсипи умумии ҳамкорӣ, ки ба гузориши мазкур замима мегардад, асос хоҳад ёфт. Он принсипҳо на танҳо мақсади Эъломияи пешинаи Парижро, балки чор афзалияте, ки соли гузашта дар Форуми 4-уми Пусан ҳамоҳанг шудаанд низ инъикос мекунанд, аз ҷумла: манфиатдории воқеии кишвар ба рушд; ҳадафгирии натиҷаҳо; ҳамкориҳо бо мақсади рушд; шаффофият ва масъулияти мутақобила.[2]

**2. Дар гузориши мазкур он натиҷаҳои СПСК-3 (2010-12), ки аз назари шарикони рушд ба даст омадаанд арзёбӣ шуда, мушкилоти асосии рушд ва афзалиятҳои сиёсат барои СБСЗ (2013-15) пешниҳод мегарданд.** Дар қисми охирини он, илова бар такроран тасдиқ намудани омодагии ШҲР ба дастгирии доимии раванди рушд дар Тоҷикистон, якчанд ташаббуси байнисоҳавӣ бо ҷалби шарикони мухталиф, ки барои расидан ба ҳадафҳои ченшаванда то соли 2015 дар шаш самти афзалиятноки СБСЗ равона шудаанд, пешниҳод мегарданд. Самтҳои афзалиятнок инҳо мебошанд: ҳоқимияти давлатӣ ва идоракунӣ; таъмини рушд тавассути бахши хусусӣ; рушди иқтидори инсонӣ; истиқлолияти энергетикӣ; амнияти озуқаворӣ ва таъмини алоқа тавассути нақлиёт.

## II. НАТИҶАҲОИ СПСК-3—НИГОҲ БА ГУЗАШТА

### A. Тамоюлҳои макроиқтисодӣ—пешравии устувор

**3. Баръакси пешбиниҳо, ба туфайли идоракунии оқилонаи иқтисодӣ ва то анзодае бинобар сабаби саривақт дастгирӣ намудан аз ҷониби шарикони рушд, Тоҷикистон бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодии солҳои 2008-09 бе душворӣ паси сар намуд.** Паёмадҳои асосии бӯҳрон ба таври зерин арзёбӣ мегарданд: коҳиши 30% интиқоли маблағҳои пулии муҳоҷирони меҳнатии тоҷик аз Россия (аз 2.3 млрд. долл. ИМА дар соли 2008 то $1.6 млрд. долл.ИМА дар соли 2009); пастравии нархҳои ҷаҳонӣ ва коҳиши содироти алюминий ва пахта. Бинобар ин, суръати афзоиши ММД аз 7.9% дар соли 2008 то 3.9% дар соли 2009 коҳиш ёфт. Стратегияи зиддибӯҳронии Ҳукумати ҶТ аз афзун намудани хароҷоти давлатӣ, аз ҷумла ба барномаҳои иҷтимоӣ, ки барои ташкил намудани ҷойҳои корӣ равона шуда буданд ва таъмин намудани тағйирпазирии бештари қурби асъор ҷиҳати мусоидат ба танзими ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ иборат буд. Дар баробари ин, дастгирии буҷет дар ҳаҷми тақрибан 288 миллион долл. ИМА ва кӯмаки техникӣ аз ҷониби якчанд аъзоёни ШҲР имконияти нигоҳ доштани хароҷотҳои давлатӣ дар соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ фароҳам овард ва ба талошҳои ҳукумат дар кам намудани таъсири бӯҳрон ба қишри камбизоат ва осебпазири аҳолӣ мусоидат кард.

[1] Айни замон ШҲР аз намояндагони 26 мақомоти бисёрҷониба ва дуҷониба ва Созмони миллали муттаҳид иборат аст (www.untj.org/dcc)

[2] Ҳамёрӣ ҷиҳати ҳамкории самаранок бо мақсади рушд (Пусан) (банди 11), 1 декабри соли 2011

**4. Пас аз таназзули соли 2009 иқтисодиёти кишвар ба зудӣ барқарор шуд ва дарояндаи миёнамӯҳлат устувор боқӣ хоҳад монд.** ММД-и воқеӣ дар солҳои 2010 ва 2011 муттаносибан ба 6.5% ва 7.4% ва дар давоми нӯҳ моҳи соли 2012 ба 7.5% афзоиш ёфт. Сабаби чунин афзоиш асосан зиёдшавии интиқоли маблағи пулӣ, ки баробар бо 45% ММД дар соли 2011 ва 46% дар нимаи аввали соли 2012 буд. Дигар омили афзоиш хизматрасониҳо, ки ба сеяки афзоиши умумӣ дар солҳои 2011 ва 2012 рост меоянд, ба ҳисоб меравад. Дар соли 2012 то имрӯз хизматрасониҳо (13%), саноат (то 10,4%) ва соҳаи кишоварзӣ (то 9.8%) ба афзоиши иқтисодӣ мусоидат намуданд. Дарояндаи наздик, қариб 6% афзоиши солонае, ки дар давраи миёнамӯҳлат пешбинӣ шудааст, аз ҳисоби сохтмон, савдо ва дигар хизматрасониҳо ба даст меояд. Дарояндаи дарозмуддат бошад, содироти маҳсулоти кишоварзӣ ба истиснои пахта, энергетика ва истихроҷи маъдан нақши бештар мебозад.

**5. Сатҳи таваррум устувор аст, аммо ба афзоиши нарҳои ҷаҳонӣ ба озуқа ва молу ашё осебпазир боқӣ мемонад.** Ба туфайли пастравии нархҳои ҷаҳонии озуқа, ки то андозае аз хисоби болоравии арзиши нерӯи барқ ҷуброн мегардад, Шохиси нархи истеъмолӣ (ШНИ) дар нимаи соли 2012 танҳо ба 2,9% афзоиш ёфт, ки ин нишондод аз 9.3% соли 2011 бақайд гирифташуда бамаротиб камтар аст. Бо вуҷуди ин, бо назардошти болорваии нархҳои ҷаҳонии озуқаворӣ дар солҳои 2012-13 аз сабаби ҳосили ками ғалладонагиҳо дар Россия, Қазоқистон, Украина ва Иёлоти Муттаҳида, чунин коҳиши нархҳо давомнок нахоҳад буд. Дар ин мазмун, бо назардошти вобастагии Тоҷикистон аз воридоти ғалла ва ишғол намудани маводи озуқа зиёда аз нисфи сабади истеъмолии аҳолиро, Ҳукумати ҶТ ба наздикӣ бо таъминкунандагони озуқа аз Қазоқистон ва Покистон ҷиҳати ғанӣ гардонидани захираҳои худ созишномаҳо ба имзо расонид.

**6. Касри буҷет бемайлон коҳиш ёфта, хароҷоти капиталӣ якбора ва хароҷоти иҷтимоӣ бошад каме афзоиш ёфтанд.** Ба соҳаи энергетика ва нақлиёт дар якҷоягӣ 77% сармоягузориҳои давлатӣ дар давоми солҳои 2007-11 рост меояд, ки ду баробар зиёдтар аз ҳиссаи онҳо (32%) дар солҳои 2001-03 мебошад. Хароҷоти соҳаи маориф, тандурустӣ, суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ аз 36% хароҷотҳои умумии давлатӣ дар солҳои 2001-03 то 43% дар соли 2007-11 (ба истиснои барномаи хароҷоти давлатӣ) зиёд шуд. Дар баробари ин, ба туфайли афзоиши даромад ва пурзӯр намудани сиёсати буҷетӣ, касри буҷет (бо назардошти барномаи хароҷотҳои давлатии бо маблағгузории хориҷӣ) аз 5.4% ММД дар соли 2009 то 3.5% ММД дар соли 2011 коҳиш ёфт.

**7. Таносуби қарзи давлатӣ ва аз ҷониби давлат кафолатдодашудаи Тоҷикистон ба ММД ботадриҷ коҳиш ёфт.** Ба охири соли 2011, он аз 34,4% дар соли 2010 ба 32.6% кам шуд.[3] Ҳаҷми зиёди қарзи беруна аз қарзҳои имтиёзнок иборат буда, аз ҷониби қарздиҳандагони дуҷониба ва бисёрҷониба, ки аз ҳаҷми умумии он қариб 43% ба Чин рост меояд, пешниҳод шудаанд. Дар асоси баҳодиҳии муфассале, ки соли 2011 гузаронида шуда буд, Стратегияи Вазорати молия (ВМ) оид ба идоракунии қарзи давлатӣ барои солҳои 2012-14 омодагии ҳукуматро ҷиҳати андешидани чораҳои зерин такроран тасдиқ мекунад: (а) нигоҳ доштани ҳаҷми қарзи давлатӣ ва аз ҷониби давлат кафолатдодашуда поёнтар аз 40% ММД; (б) ба имзо расонидани созишномаҳои қарзӣ танҳо дар сурати мавҷуд будани бахши грантии иборат аз 35%; ва (в) гузаронидани таҳлили хароҷот ва фоидаи сармоягузориҳои калон.

## B. Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ)—Пешрафти номунтазам

**8. Афзоиши устувори даҳсолаи охир асосан дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуд, вале ба ин нигох накарда, Тоҷикистон кишвари нодортарин дар минтақаи Аврупо ва Осиё Марказӣ боқӣ мемонад.** Тибқи маълумоти охирин (дар асоси тарҳсозии оморӣ), ҳиссаи аҳолии камбизоат аз 47% дар соли 2009 ба 39,6% дар соли 2012, ё тақрибан ба нисфи соли 2003 коҳиш ёфт. Ғайр аз ин, якчанд нишондиҳандаҳои сатҳи зиндагӣ, ки ба даромад алоқаманд нестанд низ боло рафтанд: қариб ҳама ба таҳсил дар зинаҳои

[3] Таҳлили муштараки ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ оид ба суботи қарз, с. 2012

ибтидоӣ ва миёна фаро гирифта шудаанд (аммо тафовути ҷинсӣ дар зинаҳои мактабҳои миёна ва касбӣ ҳанӯз боқӣ мемонад); фавти навзод ва кӯдакони то 5-сола мутаносибан ба 52 ва 65/1,000 зинда таваллудшуда то соли 2010 коҳиш ёфт. Илова бар ин, тибқи маълумоти Таҳқиқоти зиндагонӣ дар давраи гузариш (LITS), ки аз ҷониби БАТР ва Бонки ҷаҳонӣ солҳои 2006 ва 2010 гузаронида шуд, Тоҷикистон дорои баландтарин нишондиҳандаҳои қаноатмандӣ аз зиндагӣ дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ мебошад: зиёда аз 75 фоизи посухдиҳандагон қайд намуданд, ки вазъи иқтисодии кишвар дар муқоиса бо соли 2006 дар соли 2010 беҳтар гардид; 70 фоизи хонаводаҳо ба беҳтаршавии зиндагии худ дар муқоиса бо соли 2006 ишора намуданд ва тақрибан 60 фоизи аҳолӣ аз вазъи молиявии худ изҳори қаноатмандӣ намуданд.[4]

**9. Аз тарафи дигар, пешрафти Тоҷикистон дар расидан ба Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола (ҲРҲ) номунтазам боқӣ мемонад.** Тибқи гузориши охирини БРСММ (аз соли 2010) оид ба рафти иҷроиши чорабиниҳо, кишвар метавонад ба 13 аз 32 ё 40% нишондиҳандаҳои ҲРҲ то соли 2015 ноил гардад; имконияти расидан ба 13 нишондиҳандаи иловагӣ ҳанӯз вуҷуд дорад, аммо эҳтимолияти ноилшавӣ ба шаш нишондиҳандаи боқимонда хеле кам аст. Илова бар ин, чор нишондиҳандаи охирин ба масоили гендерӣ алоқаманданд, аз ҷумла: фавти модар (яке аз баландтарин нишондиҳандаҳо дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ), таносуби духтарон бо писарон дар синфҳои болоии мактабҳои миёна ва махсусан олӣ, ҳиссаи занҳо дар шуғли соҳаи ғайрикишоварзӣ ва шумораи занҳои аъзои парлумон. Нишондиҳандаҳои мазкур хулосаи охирини Бонки ҷаҳониро оид ба он ки дар Тоҷикистон тавофути ҷинсии назаррас боқӣ мемонад, тасдиқ мекунанд. Масалан, гарчанде ки занҳо 45% қувваи кориро ташкил медиҳанд, маоши миёнаи мохонаи онҳо нисбат ба маоши мардҳо ду баробар кам аст. Дар охир, дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ҳанӯз мушкилоти ҷиддӣ, бахусус дар деҳот боқӣ мемонад. Дар минтақаҳои деҳот танҳо 48% аҳолӣба обтаъминкунӣ дастрасӣ дошта, 63% оби таъминшуда ба меъёрҳои маҳаллӣ ё Созмони ҷаҳонии тандурустӣ ҷавобгӯ намебошад.[5]

**10. Дастрасӣ ба хизматрасониҳои асосии ҷамъиятӣ ва сифати онҳо, махсусан ба нерӯи барқ, таҳсилот ва тандурустӣ такмилдиҳии назаррасро талаб мекунад.** Дар натиҷаи пурсиши охирине, ки дар байни 2000 хонаводаи панҷ минтақаи кишвар гузаронида шуд, маълумоти зерин ба даст омад: (а) оид ба нерӯи барқ, дар ҳоле ки қариб ҳамаи посухдиҳандагон бо шабакаҳои барқӣ пайвастанд, зиёда аз 80% онҳо дар саросари ҷумҳурӣ дучори қатъи берун аз нақшаи барқ шудаанд; (б) оид ба соҳаи маориф, қаноатмандӣ аз сифати маълумот дар дараҷаи паст қарор дорад, танҳо 1/3 хонаводаҳои шаҳр ва 19% хонаводаҳои деҳот қаноатманд ё пурра қаноатманданд; ва (в) оид ба соҳаи тандурустӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулаторӣ ва статсионарӣ қонеъкунанда нест, ба ҳисоби миёна мутаносибан 36% ва 29% дар саросари ҷумҳурӣ ташкил медиҳад. Сифати хизматрасониҳо хеле паст баҳо дода мешавад—танҳо 16% хонаводаҳо аз хизматрасониҳои амбулаторӣ ва 19% онҳо аз хизматрасониҳои статсионарӣ қаноатмандии худро изҳор намуданд. Маълумоти бештар муфассал оид ба хулосаҳои пурсиш ба гузориши мазкур замима шудааст (Замимаи 2).[6]

### C. Бахши хусусӣ—Қонунҳои муҳим қабул шудаанд, аммо татбиқи онҳо вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад

**11. То нимаи соли 2013 Тоҷикистон бояд ба Созмони ҷаҳонии савдо (СҶС) шомил гардад.** Моҳи октябри соли 2012, гурӯҳи кории Тоқикистон оид ба шомилшавии он ба СҶС шарту шароитҳои аъзогиро ҳамоҳанг сохт, аз ҷумла қабули як қаторислоҳоти алоқаманд бо низоми савдои кишвар ва тавсияи он бояд аз ҷониби Шӯрои гереналии СҶС дида баромада

[4] Қаноатмандӣ аз зиндагӣ ва хизматрасониҳои ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон: Хулосаҳои асосӣ аз Таҳқиқотҳои БАТР ва Бонки ҷаҳонӣ оид ба зиндагӣ дар давраи гузариш, солҳои 2006 ва 2010,Бонки ҷаҳонӣ (мимеограф), ноябри соли 2011

[5] Манбаъ: Таъминоти оби нӯшокӣ ва беҳдошт дар Тоҷикистон (TajWSS): Консепсияи 'Фонди трастии об' дар деҳот

[6] Тоҷикистон: Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва сифати онҳо, Бонки ҷаҳонӣ, соли 2012

шуда 11 декабр тасдиқ гардад. Ҳамин тавр, узвияти Тоҷикистон дар СҶС қадами муҳимро дар фароҳам овардани фазои шаффофтар ва пешгӯишавандаи савдо ва самоягузориҳои хориҷиро қайд хоҳад намуд.

**12. Кодекси замин, ки ба қарибӣ қабул шуд, яке аз дастовардҳои муҳими раванди ислоҳоти умумии аграрӣ маҳсуб меёбад.** Кодекси замин дар таҳрири нав, ки моҳи июли соли 2012 тасдиқ гардид, барои хоҷагиҳои хурд ва оилавии деҳот ҷиҳати қабули қарорҳои мустақил оид ба истеҳсолот тамоми шартҳои пешакиро ба монанди таъмини ҳуқуқи истифодабарии замин дар тӯли зиндагӣ,  ба меросмонӣ, иваз ва фурӯши ҳуқуқи истифодабарӣ, аз ҷумла бо мақсади мусоидат ба рушди бахши хусусӣ дар кишоварзӣ, фароҳам овард. Аммо, татбиқи самараноки он давом додани судури шаҳодатномаҳои истифодаи замин, муайян намудани усулҳои баҳодиҳии замин, такмилдиҳии қонун дар бораи гарав ва таҳкими низоми ягонаи бақайдгирӣ ва кадастро талаб мекунад.

**13. Кодекси андоз дар таҳрири нав, ки 5 сентябри соли 2012 аз ҷониби Парлумон ба тасвиб расидааст ва дар аввали соли 2013 эътибор пайдо мекунад, имконияти содда намудани раванди идоракунии андозро фароҳам оварда самаранокии онро таъмин мекунад ва боиси афзоиши сармоягузорӣ дар бахши хусусӣ мегардад.** Аз ҳисоби якҷоя намудани андозҳои алоҳида, шумораи онҳо аз 21 то 10 кам карда шуд. Илова бар ин, бо мақсади беҳсозии фазои соҳибкорӣ: (а) ҳадди ААИ аз 200,000 то 500,000 сомонӣ бардошта шуд, (б) андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ мутаносибан аз 25 ва 15 фоиз то 23 ва 13 фоиз то соли 2017 коҳиш дода мешавад; ва (в) ҷамъоварии андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард то соли 2017 қатъ мегардад. Илова бар ин ва дигар беҳбудиҳои ҷузъӣ, Кодекси нави андоз қоғазбозие, ки соҳибкорон дар иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ дар мақомоти андоз дучор мегарданд ё кам мекунад ё аз байн мебарад. Дар натиҷа, барои корхонаҳои хурду миёна зудии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо кам гашта, ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда якҷоя карда мешаванд. Вазифаи аввалиндараҷа дар оянда таъмин намудани иҷроиши тадбирҳо дар самтҳои зерин хоҳад буд: муҳофизат намудани корхонаҳои хусусӣ аз таъқиб ва санҷишҳои зиёдатӣ; такмилдиҳии тартиботи ҳалли баҳсҳо; хотима бахшидани коррупсия ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти кормандони мақомоти андоз; таъмин намудани эҳтиромгузорӣ ба қарорҳои Кумитаи андоз на танҳо аз ҷониби ҳамаи мақомотои давлатӣ, балки дар тамоми сатҳҳои идоракунии андоз.

**14. Қонун дар бораи ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ ба Парлумон моҳи августи соли 2012 пешниҳод гардид.** Ҳамкориҳои бахши давлатӣ ва хусусӣ варианти воқеии ҷалби сармоя ба соҳаҳои асосӣ ба монанди энергетика, инфрасохтор, нақлиёт ва эҳтимолан тандурустӣ ва маориф маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди мавҷуд будани қонун дар бораи консессияҳо ва дигар қонунгузории алоқаманд бо сармоягузориҳо, қабули қонун дар бораи ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ ва ташкилдиҳии муассиса ё идораи махсус метавонад чунин мушкилотро ба монанди шаффофият ва назорати заиф аз болои консессияҳо, қобилияти маҳдуд барои музокирот бо сармоягузорини хориҷӣ ва суръати сусти анҷомдиҳии муомилоти алоҳида, аз байн барад.

**15. Дар бахши молиявӣ як қатор қонунҳои нав қабул гаштанд ва ба қонунҳои мавҷуда тағйироту иловахо ворид карда шуд, ҳарчанд дар амал татбиқ намудани онҳо номунтазам аст.** Аз соли 2010 инҷониб, қонунҳои нав оид ба фаъолияти бонкӣ, суғуртаи амонатҳо ва муфлисшавии бонкҳо қабул гаштанд, тағйирот дар Конун дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон (Бонки марказӣ) ворид карда шуд ва як қатор ҳуҷҷатҳои меъёрии бонкӣ такмил дода шуданд. Бо вуҷуди ин, идоракунӣ дар бонкҳо заиф боқӣ монда,  дар натиҷаи қарздиҳии мақсаднок ва то андозае аз сабаби таҳаммули БМТ дар аксари мавридхо, ҳаҷми қарзҳои бесамар рӯ ба афзоиш ниҳод.

## D. Ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ—Пешравии суст, аммо устувор

**16. Фаъолият дар самти кушодани ҳисоби ягонаи хазинадорӣ дар Вазорати молия (ВМ) идома дорад.** То имрӯз, чор хазинадории маҳаллӣ дар шаҳрҳои Душанбе ва Турсунзода суратҳисобҳои транзитии худро пӯшида суратҳисобҳои муросилотиро дар ҳисоби ягонаи хазинадорӣ кушоданд ва ҳамаи боқимонда суратҳисобҳои маҳаллӣ бояд дарояндаи наздик супорида шаванд. Самаранок ба анҷом расонидани раванди мазкур аз таҷдиди инфрасохтори технологияҳои иттилоотию комуникатсионии ВМ ва аз дастгирии доимии ислоҳоти ҷории идораи молияи давлатӣ низ вобаста аст.

**17. Дар соли 2012, Ҳукумати ҶТ барои ҳамаи кормандони ҳукумати марказӣ бо мақсади дар оянда низ фаро гирифтани ҳамаи кормандони бахшӣ давлатӣ ҷадвали нави музди меҳнатро ҷорӣ намуд.** Ҷадвали нави музди меҳнат сатҳи шаффофияти пардохтро дар хизмати давлатӣ тавассути барҳам додани ҳамаи мукофотпулиҳои махсус баланд мебардорад. Бахусус, он имкони онро фароҳам меорад, ки музди меҳнати мутахассисони хурде, ки ба кор гирифтан ва нигоҳдории онҳо мушкил аст, баланд бардошта шавад. Ҷорӣ намудани ҷадвали нав дар тамоми сохторҳои хизмати давлатӣ боиси ҷалби номзадҳои соҳибихтисос мегардад, ки он дар навбати худ ба интихоби воқеӣ дар асоси озмун мусоидат мекунад.

**18. Қадамҳои назаррас дар самти баланд бардоштани шаффофият ва самаранокӣ дар якчанд корхонаи бузурги давлатӣ, аз ҷумла дар соҳаи энергетика ва саноат ба анҷом расонида шуданд.** Масалан, Барқи Тоҷик (БТ) ба низоми биллинг дар асоси истифодаи воқеии барқ гузашт ва айни замон нақшаи фарогири такмилдиҳии идоракунии молиявиро амалӣ намуда истодааст. Баъдан, аудити самаранокии истифодаи нерӯи барқ дар ТАЛКО, ки 40% истифодаи дохилии нерӯи барқ ба ширкати мазкур рост меояд, ба наздики ба анҷом расонида шуд. Аудити мазкур тадбирҳои аввалиндараҷаро барои таъмин намудани сарфаи нерӯи барқ дар корхона муайян намуд. ТАЛКО тасмим гирифтааст, ки чораҳои мазкурро дар якҷоягӣ бо дигар тавсияҳои алоқаманд бо баланд бардоштани самаранокии истифодаи нерӯи барқ амалӣ намояд. Азбаски, ҳатто сарфаи хурди барқ дар вусъат додани дастрасӣ ба дигар истифодабарандагон кӯмак хоҳад расонд, нақшаҳои мазкур дорои дараҷаи баланди самара мебошанд. Масъалаи охирон, ки он низ муҳим аст, ба анҷом расонидани аудити берунаи молиявии Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушоди Роғун (ҶСШК) мебошад ва натиҷаҳои он бояд ба табъ расанд.

**19. Моҳи ноябри соли 2012, Ҳукумати ҶТ дар бораи тасмими шомилшавии худ ба Ташаббуси шаффофияти дар соҳаҳои истихроҷ эълон намуд (ТШСИ).**[7] Тибки ин қарор, Ҳукумати ҶТ Вазорати молияро дар намояндагӣ кардани бахши хусусӣ ваколатдор намуда, Шӯрои миллии сетарафаро оид ба ТШСИ, ки аз намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳукумат ва корхонаҳои давлатию хусусӣ иборат аст, таъсис дод. Бо нишон додани омодагии ҳукумат ба шаффофияти бештар шомилшавӣ ба ТШСИ дар беҳгардонии фазои сармоягузорӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Дар баробари ин, тавассути нашри маълумот дар бораи даромадҳои ширкат ва ҳукумат аз ҳисоби саноати истихроҷ, аз ҷумла тафтиши онҳо аз ҷониби аудитори мустақил, он дар таҳкими ҳисоботдиҳии мақомоти ҳокимияти давлатӣ саҳми назаррас мегузорад. Ин дар навбати худ метавонад хавфҳои сиёсӣ ва таъсири манфи ба нуфузи неки ширкатҳо ва сармоягузоронро пешгири кунад.

**20. Пас аз қабули қонун Дар бораи палатаи ҳисоб дар нимаи соли 2011, моҳи декабри соли 2011 мақомоти олии назорати молиявӣ (МОНМ) дар ҳайати 15 корманд таъсис дода шуд.** Пас аз он, парлумон таъин намудани раис ва муовини раиси МОНМ-ро моҳи сентябри соли 2012 ба тасвиб расонид. Ғайр аз ин, ҳукумат ба ислоҳоти минбаъдаи идораи молияи давлатӣ бо дастгирии як қатор шарикони рушд, ки ҳамоҳангсозии он бар ӯҳдаи котиботи идораи молияи давлатӣ дар назди ВМ мебошад, оғоз намуд.

[7] Қарори Ҳукумати ҶТ, №449 аз 31 августи соли 2012

## E. Амнияти энергетикӣ, озуқаворӣ ва алоқа—Афзалиятҳои президентӣ

**21. Ҳукумати ҶТ як қатор ислоҳотро ҷиҳати вусъатдиҳии истиқлолияти энергетикии кишвар оғоз намуд, аммо то имрӯз натиҷаҳои назаррас ба даст наомаданд.** Яке аз вазифаҳои асосӣ баланд бардоштани ҳисоботдиҳӣ, самаранокӣ ва шаффофият дар ширкати Барқи Тоҷик (БТ), ки барои он нақшаи дарозмуддати таҷдид соли 2011 қабул гардид, маҳсуб меёбад. Нақшаи мазкур махсусан тарҳрезии методологияҳо барои ҳисоби тасҳеҳи тарифҳо, ботадриҷ тақсимкунии БТ ба якчанд воҳидҳои мустақил чихати тавлид, интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ, аз ҷумла хусусигардонии минбаъдаи онҳоро пешбинӣ мекунад. Дар ин миён, БТ низоми биллинг ва ҷамъоварии пардохтро такмил дода, ҳисобкунакҳоро насб гардонид ва дар натиҷаи афзоищи микёси фарогирӣ ва ҳаҷми бештари пешниҳоди ҳисоб ва ҷамъоварии пардохт, ҳаҷми умумии биллинг аз соли 2006 панҷ баробар афзоиш ёфт. Дар гузаштаи наздик тарифҳо ба 20% аз моҳи апрели соли 2012 бардошта шуданд. Бо вуҷуди ин, дар минтақа онҳо пасттарин боқӣ монда, масъалаи таъмини шаффофияти идоракунии даромад боиси нигаронӣ мебошад. Дигар тағйироти муҳим дар соҳаи энергетика инҳо мебошанд: (а) татбиқи бомуваффақияти барномаи гузариш ба истифодаи фурӯзонакҳои каммасраф дар саросари ҷумҳурӣ; (б) қабули қонун дар бораи захираҳои нерӯи барқароршаванда ва (в) қабули барномаи панҷсола (2012-16) ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ.

**22. Амнияти озуқаворӣ бо аҳамияти махсус ва афзун намудани истеҳсоли маҳсулот ҳадафи асосии ислоҳоти васеи аграрии аз нимаи соли 2009 инҷониб амалишудаистода ба ҳисоб меравад.** Дар доираи ислоҳоти аграрӣ, нақшаи чорабиниҳои иборат аз 22 банд барои солҳои 2012-20, ки тавассути Қарори Ҳукумати ҶТ, тахти №383 моҳи августи соли 2012 тасдиқ шуд, тадбирҳое, ки ба густариши дастрасии деҳқонон ба захираҳои истеҳсолӣ ва ирригатсия ва такмилдиҳии идоракунӣ ва истифодаи устувори захираҳои табиӣ равона шудааанд, дарбар мегирад. Аммо, набудани амнияти озуқавори ва норасоӣ дар ғизодиҳӣ мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонанд: мутобиқи ҳисобҳои СОК/БОЧ, ҳиссаи аҳолии мувоҷеҳ ба мушкилоти истеъмоли нокифояи ғизо дар соли 2011 дар вилояти Хатлон 9% ва дар Бадахшони кӯҳӣ (ВМКБ) қариб 24% ташкил дод; тибқи таҳлили Бонки ҷаҳонӣ/ЮНИСЕФ аз соли 2012, тақрибан аз се як кӯдак дучори норасоии ғизо мегардад, зиёда аз нисфи кӯдакон аз норасоии йод ва қариб сеяки онҳо аз камхунӣ азият мекашанд.[8] Дар чунин шароит, амнияти озуқавории Тоҷикистон бояд асосан аз рушди истеҳсоли дохилии маҳсулоти озуқа ба самти аҳамияти бештар ба дастрасии озуқа, нархҳои дастрас, ва истифодаи он вусъат дода шавад. Ғайр аз ин, ба гуногунрангии ғизо, ғанигардонидани маҳсулоти озуқа, иловагиҳои микроғизоӣ, таҷрибаҳои ғизодиҳии навзод ва кӯдакон аҳамияти махсус бояд дода шавад.[9]

**23. Бо назардошти набудани роҳи баромад ба баҳр, асосан аз минтақаҳои кӯҳӣ иборат будани ҳудуди Тоҷикистон, бо мақсади нигоҳ доштани сатҳи баланди рушд такмилдиҳии алоқаи дохилӣ ва хориҷӣ масъалаи ҳаётан муҳим боқӣ мемонад.** Дар шароити қисман ё пурра хароб шудани фарши роҳ дар 75% шоҳроҳҳои кишвар ва таъмирталаб будани 80% дигар роҳҳо, тибқи натиҷаҳои тадқиқоте, ки бо дастгирии БОР соли 2010 гузаронида шуда буд, айни замон дар кишвар барқарорсозӣ ё азнавсозии роҳҳои мошингард бо вазифаи аввалиндараҷаи беҳтар намудани алоқа байни пойтахт ва минтақаҳои мухталифи кишвар ва инчунин кишварҳои ҳамсояи воқеъ дар шимол ва ҷануб идома дорад. Дар баробари сармоягузориҳои мазкур ва пешбурди истифодаи дигар шаклҳои нақлиёт ва соҳаҳо, Ҳукумати ҶТ як қатор қонун ва барномаҳои алоқаманд бо соҳаи нақлиёт қабул намуд: дар соли 2010, қабули қонун дар бораи авиатсияи миллӣ, ки дастрасии васеъро ба ширкатҳои хориҷии ҳавоӣ аз лиҳози хатсайр ва зудӣ таъмин менамояд; инчунин дар соли 2011, қабули Барномаи давлатӣ оид ба рушди соҳаи нақлиёт барои солҳои 2010-

---

[8] Таҳлили вазъ: Баланд бардоштани натиҷаҳои иқтисодӣ ва вусъатдиҳии татбиқи барномаҳои ғизодиҳӣ дар Тоҷикистон, Бонки ҷаҳонӣ /ЮНИСЕФ, 2012

[9] Дар ҳамон ҷо

25. Ғайр аз ин, тадбиру чораҳои зарурӣ ҷиҳати маҳдуд намудани ҳаракати мошинҳои бо вазни аз меъёр зиёд танҳо дар соатҳои шаб, зиёд кардани ҷудокунии маблағҳои буҷетӣ барои хизматрасонии инфрасохтори мавҷуда ва бастани шартнома бо пудрадчиёни хусусӣ барои нигоҳдории роҳҳо, андешида шуданд.

## III. ҚАДАМҲОИ МИНБАЪДА-МАВЗӮЪ ВА ПАЁМҲОИ СИЁСАТ БАРОИ 2013-15

### А. Қарор додани мардум ҳамчун афзалият

**24. Қарор додани мардум ҳамчун афзалият - афзун гардонидани диққат ба ноилшавии ҲРҲ то соли 2015, бахусус он ҳадафҳое, ки бо соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ алоқамананд.** Дар ҳоле ки Тоҷикистон ба пешравии назаррас дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ ноил гашт, пурсише, ки ба наздикӣ дар байни хонаводаҳо гузаронида шуд (банди 11 ва Замимаи 3), ба тафовути калон дар таъминот ва сифати хизматрасониҳои асосӣ, бахусус ба аҳолии камбизоат ва аз ҳама бештар осебпазир, онҳое ки дар доираи низоми мавҷудаи ҳифзи иҷтимоӣ аз кӯмаки маҳдуд бархӯрдоранд, ишора мекунад. Агар масъалаи мазкур саривақт ва самаранок ҳаллу фасли худро наёбанд, он метавонад ба натиҷаҳои бо мушкили ба даст омадаи паст кардани сатҳи камбизоатӣ зарба зада монеи пешрафти оянда гардад. Дар оянда, нишондиҳандаҳои мавҷудбудаи солҳои 2011-12 бояд ҳамчун маълумоти аввалия барои арзёбии натиҷаҳои сесола мавриди истифода қарор шаванд, то дар соли 2015 имконияти мушоҳида намудани пешравии воқеӣ мавҷуд бошад.

**25. Таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолии аз ҳама осебпазир.** Системаи ҳифзи иҷтимоии Тоҷикистон бо мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шудааст. То андозае сабаби он хурд будани ҳаҷми кӯмакпулиҳо барои ҳифзи иҷтимоӣ ва нокифоягии онҳо барои оилаҳои камбизоат дар соли 2009 ба ҳисоб меравад. Дар воқеъ, танҳо 23% кӯмаки суроғавии иҷтимоӣ ба оилаҳои камбизоат расидааст. Бо вуҷуди бетағйир мондани ҳаҷми хароҷотҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар сатҳи 16% буҷет дар солҳои 2010 ва 2011, системаи ҳозираи ҳифзи иҷтимоӣ аз механизмҳои самараноки нишонгирӣ, аудит, назорат ва мониторинг бархӯрдор нест.[10] Ғайр аз ин, қарори ба наздикӣ қабулкардаи ВМ оид ба кам кардани кӯмаки ҳифзи иҷтимоӣ бо назардошти зарурати вусъатдиҳӣ ва афзун намудани ҳифзи иҷтимоии бахусус оилаҳои осебпазир дар шароити норавшанӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, боиси нигаронист. Дар чунин вазъият, таҳия намудани стратегияи ҳифзи иҷтимоӣ ҳамчун асос барои афзоиши сатҳи фарогирӣ ва нишонгирӣ хеле муҳим хоҳад буд.

**26. Вусъатдиҳиии дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати иҷтимоӣ, бахусус дар соҳаи тандурустӣ ва маориф.** Пардохтҳои пулии расмӣ ва ғайрирасмӣ садди роҳи аҳолии камбизоат ва ниҳоят осебпазир дар истифодаи хизматрасониҳои тиббӣ мегарданд. Зарурати аз нав дида баромадани пакети асосии кӯмаки иҷтимоӣ ва нақшаи чорабиниҳо барои вусъатдиҳии татбиқи онҳо дар асоси механизмҳои маблағгузории ҳамоҳангсохта ба миён омадааст. Бо назардошти захираҳои маҳдуд, дастрасӣ ва сифати беҳтар баланд бардоштани самаранокиро тавассути пиёда намудани ислоҳоти фарогири маблағгузории соҳаи тандурустӣ тақозо мекунад. Оид ба таҳсилоти умумӣ бошад, мушкилоти асосӣ дар сифати он аст, ки бояд тавассути такмилдиҳии барномаи таълимӣ дар асоси гузариши ботадриҷ ба таълимот дар асоси шоистагӣ бартараф карда шавад. Вусъатдиҳии дастрасӣ ба таҳсилот ва сифати таълим дар синни томактабӣ кӯдакро ба мактаб хуб омода намуда, боиси ба даст овардани натиҷаҳои баланди таълим мегардад.

**27. Такмилдиҳии сиёсат ва базаи меъёрию ҳуқуқӣ барои муҳоҷирон ва гурезагон.** Муҳоҷирати меҳнати яке аз сарчашмаҳои бузургтарини даромад барои теъдоди зиёди оилаҳои тоҷик буда аҳамияти он ҳамчун омили рушд ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ

[10] Баррасии хароҷоти давлатӣ (пешбинишуда), Бонки ҷаҳонӣ, Вошингтон

афзоиш ёфта истодааст. Аз тарафи дигар, дар гузориши охирини ЮНИСЕФ[11] низ таъсири манфии он ба занон ва кӯдакони муҳоҷирон, ба монанди афсурдагӣ ва ҳисси танҳоӣ, мушкилот дар нигоҳубини кӯдак ва хоҷагидорӣ, монда рафтани оила ва ҷудошавӣ қайд гардидааст. Аз ин рӯ, зарурати таҳкими сиёсат ва базаи меъёрии ҳуқуқии муҳоҷират ба миён омадааст: баланд бардоштани иқтидори хадамоти муҳоҷират бо мақсади идоракунии раванд ва муайян намудани функсия ва муносибатҳо бо дигар идораҳои дахлдори давлатӣ; рушди маълумоти касбӣ ва омӯзиш барои таъмин намудани муҳоҷирони эҳтимолӣ бо малакаҳои зарурии забонӣ, иҷтимоӣ ва техники ва инфрасохтори муносиб то равонашавӣ ба хориҷи кишвар; ва ҷалби маблағҳои пулии интиқолӣ ҷиҳати афзун намудани сармоягузорӣ, ташкили ҷойҳои корӣ ва ҳимояи оилаҳои дар кишвар буда. Ҳангоми дастгирии ҳуқуқҳои қонунии муҳоҷирони тоҷик дар хориҷа, ҳукумат бояд ба аҳволи вазнини паноҳандагони воқеъ дар ҳудуди марзҳои худ аҳамияти бештар диҳад. Муайян набудани вазъи ояндаи минтақа ва эҳтимоли афзоиши шумораи шахсони беҷошуда ё паноҳандагон аз зумраи ҳолатҳои фавқуллодае метавонанд буд, ки ба онҳо Тоҷикистон ва ҷомеаи рушд бояд омода бошанд.

### B. Пешбинӣ ва идоракунии хавфҳо

**28. Бо вуҷуди нишондиҳандаҳои хуби иқтисодии се соли охир, Тоҷикистон ҳанӯз ба якчанд омилҳои беруна осебпазир боқӣ мемонад.** Номунтазамии савдои транзитӣ ва афзоиши хароҷотҳои нақлиётӣ ба иқтисодиёт ва буҷет таъсири манфӣ мерасонад. Тоҷикистон аз воридоти сӯзишворӣ, озуқа ва интиқоли маблағҳои пулӣ вобастагии калон дорад. Таназзули эҳтимолии иқтисодии минтақавӣ ё ҷаҳонӣ асосан тавассути кам шудани ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ ва содирот метавон мушоҳида намуд. Масалан, таназзули иқтисодӣ дар Россия, кишваре, ки дар он зиёда аз 90 фоизи муҳоҷирони меҳнатии тоҷик кор мекунанд, боиси коҳиш ёфтани талабот ба муҳоҷирони меҳнатии тоҷик мегардад. Чунин вазъият ба якбора камшавии интиқоли маблағи пулӣ, коҳиши талабот ва рушди дохилӣ ва таъсири манфӣ ба даромади буҷет оварда мерасонад. Аз ин рӯ, ҳисоб карда баромадани сенарияи пессимистӣ муҳим аст, масалан афзоиши солонаи 1% барои ба ҳисоб гирифтани таконҳои дохилӣ ва беруна ва паёмадҳо ба буҷет, каср, сармоягузорӣ, камбизоатӣ ва хароҷотҳои иҷтимоӣ. Чунин таҳлил ба Ҳукумат барои аз нав мутобиқ кардани афзалиятҳо ва омода намудани нақшаҳои пешакӣ ҷиҳати паст кардани таъсири иҷтимоӣ кӯмак мекунад. Илова бар ин, сарчашмаҳои маблағгузорӣ дар доираи ҳар як сенарияи пессимистӣ ва нақши шарикони рушд низ бояд муайян гарданд.

**29. Илова бар осебпазир будани кишвар ба ҳамагуна офатҳои табиӣ, Тоҷикистон кишварест дар минтақаи Аврупо ва Осиёи Марказӣ, ки аз ҳама бештар ба тағйирёбии иқлим осебпазир мебошад.** Дар давоми 20 соли охир, зиёда аз 1,800 нафар дар натиҷаи сар задани офати табиӣ ҳалок шуданд, ки ин нишондиҳанда аз ҳама баландтарин дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ низ мебошад. Кишвар мунтазам дучори хушксолӣ, обхезиҳо ва эрозияи замин мегардад. Сабаби он шароитҳои вазнини иқлимӣ ва боду ҳаво буда, дар кишвар маҳдудиятҳои техникӣ дар пешгӯи намудани боду ҳаво ва имкониятҳои маҳдуди эътино мушоҳида мешавад. Соҳаи кишоварзии Тоҷикистон ба тағйирёбии иқлим сахт осебпазир мебошад. Аз рӯи баъзе ҳисобҳо, коҳиши 10% даромад дар соҳаи кишоварзӣ ба афзоиши 7% сатҳи камбизоатӣ оварда мерасонад.[12] Бо назардошти бадшавии шароитҳои экстремалии иқлимӣ ва боду ҳаво, баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим, аз ҷумла идоракунии муносиби истифодабарии замин ҳангоми банақшагирии хавфҳои сар задани офатҳои табиӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Барномаи таҷрибавии баланд бардоштани устуворӣ ба тағйирёбии иқлим (PPCR), ташаббуси минтақавии донорон, ки ҳаҷми маблағгузориаш $50 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ба афзалиятҳои мазкур диққати махсус медиҳад.

[11] Паёмадҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ба "фарзандони дар оила монда"дар Тоҷикистон, ЮНИСЕФ, ноябри соли 2011
[12] Тоҷикистон: Паёмадҳои иқтисодии тағйирёбии иқлим, Бонки ҷаҳонӣ, 2011

**30. Бо мақсади беҳтар кардани вазъи кишвар дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ якчанд вариант бояд баррасӣ гардад.** Аввалан, консепсия ва мафҳуми амнияти озуқаворӣ бояд вусъат дода шуда, на танҳо истеҳсоли дохилиро, балки тавсеаи дастрасӣ ба озуқа ва ғизодиҳиро тавассути баланд бардоштани қобилияти харидорӣ ва сиёсати давлатӣ дар бар гирад. Бо назардошти сатҳи баланди камғизоӣ, тадбирҳои сиёсие, ки тарҳрезӣ мегарданд бояд соҳаи кишоварзӣ ва ғизодиҳиро фаро гирифта, рушди соҳаи кишоварзиро тавассути хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ низ таъмин намояд. Дар чунин шароит, ба ташаббусҳои стратегӣ якчанд ё ҳамаи ин тадбирҳо метавонанд дохил шаванд: (а) афзоиши сармоягузорӣ дар масоили ғизодиҳии модар ва кӯдак, ки ҳарду ба фаъолият дар соҳаи тандурустӣ алоқаманданд; (б) мусоидат дар таъмин намудани дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолӣ ва бозор барои хоҷагиҳои деҳқонии хурд, бахусус занон; (в) густариш додани системаи ҳифзи иҷтимоӣ дар давраи бӯҳрон; ва (г) такмилдиҳии мониторинг ва назорат аз болои ғизодиҳӣ тавассути истифодаи нишондиҳандашои дахлдор.

**31. Ҳаллу фасли мушкилоти норасоии барқ дар фасли зимистон дар якчанд тадбирхои муҳими кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлат, ки ба таъмини амнияти энергетикӣ дар давраи дарозмуддат мусоидат мекунад, ташвиви бештарро ба миён овард.** Ба онҳо тадбиру чорахои зерин тааллуқ доранд: (а) таъҷилан амалӣ намудани чораҳои алоқаманд бо самаранокии истифодаи нерӯи барқ дар ТАЛКО; (б) омода ва татбиқи чораҳои зарури дар сохаи сиёсат оид ба гузаронидани баъзе иншоотҳои гардмидиҳие, ки аз барқ истифода мекунанд ба дигар намудҳои сӯзишворӣ ба монанди ангишт ё газ; (в) батадриҷ баланд бардоштани тарифҳои нерӯи барқ дар якҷоягӣ бо чораҳое, ки ба ҳифзи қишри осебпазири аҳолӣ равона шудаанд; ва (г) пешбурди ташаббусҳои савдои минтақавӣ, ки ба густариш додани воридот ва содирот равона шудаанд. Дар баробари ин, коҳиш додани касри буҷет, ки дар натиҷаи фаъолияти Барқи Тоҷик ба амал омадааст, бо нақшаи муносиб, ки ба такмилдиҳии биллинг ва ҷамъоварии пардохт ва кам намудани талафот равона шудааст, боядтақвият дода шавад. Нотавонӣ дар ҷамъоварии пардохт аз муассисаҳои кишоварзӣ, аз ҳисоби барҳамхурии системаи энергетикӣ соҳаи мазкурро ғайримустақим дастгирӣ менамояд.

**C. Истифодаи оқилонаи захираҳои давлатӣ**

**32. Вусъатдиҳии ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ асоси идоракунии оқилонаи захираҳои давлатӣ маҳсуб меёбад.** Тартиботи идоракунии молияи давлатӣ ҳанӯз метавонанд ба таври назаррас такмил дода шаванд ва барои сиёсати андозию буҷет манфиати калон оваранд. Бо мақсади тезонидани раванд, пешгирии ихроҷи маблағ, баланд бардоштани сатҳи шаффофияти система ва ҳисоботдиҳӣ ислоҳоти ҷорӣ ва банақшагирифташуда бояд дорои мӯҳлатҳои аниқ ва охирин бошанд. Масалан, хуб мешуд ки то соли 2015: (а) ҷадвали ягонаи ҳисобҳо қабул карда шавад; (б) ҳисоби ягонаи хазинадорӣ дар саросари ҷумҳурӣ ҷорӣ карда шавад; ва (с) бо мақсади маҳдуд кардани имконият барои коррупсия ва таъмин намудани хизматрасониҳои босифат ба муштариён, ки ба риоя пурраи талабот мусоидат мекунад, иқтидори институтсионалӣ ва тахассусии Кумитаи андоз таҳким дода шавад.

**33. Корхонаҳои давлатӣ (КД) бояд таҳти назорати шаффоф қарор дода шаванд ва дар мавридҳои зарурӣ дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ бояд саҳмгузор бошанд.** Мавҷуд набудани маҳдудиятҳои қатъии буҷетӣ дар КД боиси дучор шудани корхонаҳо ба хавфҳои эҳтимолан ҷиддии молиявӣ гашта, ба касри буҷет оварад мерасонад ва инчунин ҳаҷми захираҳои дастрасро барои маблағгузории дигар афзалиятҳои рушд коҳиш медиҳад. Теъдоди зиёди КД бо мушкилоти заифии молиявӣ, аз ҷумла қарз аз рӯи андозҳо ва ташаккулёбии қарзи калон байни корхонаҳо рӯ ба рӯ мешаванд. Арзёбии хавфҳои молиявӣ, ки ба қарибӣ аз ҷониби Вазорати молия гузаронида шуда буд ба аҳамияти таҳти маҳдудияти қатъии буҷети қарор додани КД ва дар мавридҳои зарурӣ гузаронидани таҷдиди онҳо ҷиҳати таъмин намудани устувории бештари молиявӣ диққати махсус дода шуд.[13] Дар баробари

[13] Баҳодиҳии хавфҳои молиявии корхонаҳои давлатӣ, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012

ин, дар корхонаҳои давлатие, ки аз ҷиҳати молиявӣ устувор ва даромаднок мебошанд бояд назорати шаффоф бурда шавад ва он корхонаҳо бояд ӯҳдадориҳои қонунии худро дар назди буҷети давлатӣ иҷро намоянд.

**34. Таъмин намудани иштироки озоди ҷамъиятӣ дар раванди буҷет ва банақшагирии маҳаллӣ.** Иштироки васеъ дарки ҷамъиятиро оид ба фаъолияти ҳукумат ва аҳамияти хизматрасониҳои пешниҳодшударо беҳтар намуда, хамазамон ин дар баланд бардоштани ҳисоботдиҳии ҳукумат мусоидат мекунад. Бо ҳамин мақсад, байни захираҳои молиявии зарур барои нақшаҳои рушд дар сатҳи ноҳияҳо ва банақшагирии буҷет дар сатҳи миллӣ бояд алоқаи хубтар барпо карда шавад. Онро метавон тавассути ҷалби бештару фаъоли шаҳрвандон, аз ҷумла мақомотои маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар тарафҳои манфиатдор дар такмилдиҳии омодакунии буҷет бо усули “аз поён ба боло” ва банақшагирӣ дар сатҳи маҳаллӣ таъмин намуд. Баланд бардоштани иқтидори мақомоти маҳаллӣ ва ҷамоатҳо дар банақшагирии буҷет ва иштирок ҷузъи таркибии ислоҳоти умумии идоракунии молияи давлатӣ ва раванди ғайримарказикунонии молиявӣ маҳсуб меёбад. Муҳимтар аз ин, афзалиятҳои сатҳи маҳаллӣ бояд ҳамчун пойдевори самтҳои стратегӣ барои рушди миллӣ ба монанди онҳое, ки дар LSIS миёнамӯҳлати ба қарибӣ гузаронида таъкид шудаанд, хизмат кунанд.

**35. Коррупсия, ки диққати бештарро аз ҷониби мақомоти дахлдор талаб мекунад, мушкилоти ҷиддӣ боқӣ мемонад.** Масалан, ба таҳким одани қонунҳое, ки ихтилофи манфиатҳо, эъломияи даромад ва дороиҳо ва истифодаи самараноки онҳо мебошанд, диққати бештар бояд дода шавад. Илова бар ин, хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ҳанӯз таҳти фишори коррупсияи институтсионалӣ қарор доранд. Тадқиқоти LITS аз соли 2010 маълум намуд, ки 24% посухдиҳандагон маҷбур буданд барои гирифтани маълумоти умумӣ ва 55% барои табобатӣ тиббӣ ба таври ғайрирасмӣ маблағи пулӣ пардохт намоянд. Маълумоти мазкур бояд мавриди таҳлили амиқ қарор дода шавад ва стратегияи дахлдори зиддикоррупсионӣ ва нақшаи амалигардонӣ ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои воқеӣ таҳия гарданд.

**D. Баланд бардоштани нақши бахши хусусӣ**

**36. Барҳам додани қарздиҳии мақсаднок ва вусъатдиҳии дастрасӣ ба маблағгузорӣ.** Айни замон, низоми бонкии Тоҷикистон дорои иқтидори зарурии инсонӣ, институтсионалӣ ва техникии зарур барои мусоидат ба афзоиши иқтисодӣ тавассути вусъатдиҳии миёнаравии молиявӣ мебошад. Аммо, барои расидан ба он ва гузариш ба қарздиҳии тиҷоратӣ бояд ду шартӣ иловагӣ иҷро карда шавад: майдон барои фаъолият; ва озодӣ барои фаъолияти мустақил. Ҳар дуи он барҳам додани таҷрибаи қарздиҳии мақсаднок ва дахолат аз ҷониби тарафҳои манфиатдорро тақозо мекунад. Бо такмилдиҳии ҳуҷҷатҳои меъёрии бонкӣ ва қарздиҳии хурд, таъмин намудани риояи меъёрҳои пруденсиалии аз ҷониби бонки миллӣ (бахусус онҳое, ки бо хизматрасонӣ, идоракунии хавфҳо ва андешидани чораҳои фаврии зарур барои ислоҳи вазъ алоқамандананд), имтиёзҳои андоз нисбати фоизи амонатҳо, феҳристи замонавии гарав, таҳкимдиҳии низоми суғуртаи амонатҳо, вусъатдиҳии ҳифзи муштариён ва гузаронидани маъракаи васеи иттилоотӣ бонкҳои Тоҷикистон шумораи зиёди амонатҳоро ҷалб намуда ба муштариёни худ –хонаводаҳо, соҳибкорон ва корхонаҳои хурду миёна хубтар хизмат мерасонанд.

**37. Хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ дорои имкониятҳои бузург барои мусоидат дар рушди иқтисодӣ буда талаботи хоса ба дастрасии маблағгузорӣ доранд.** Иштироки Ҳукумат дар соҳаи кишоварзӣ, бахусус дар парвариши пахта тавассути қарздиҳии мақсаднок боиси эҷоди монеа дар пешрафти хоҷагиҳои хурд гардид. Масалан, тибқи пурсиши аз солҳои 2011-2012, 72% хоҷагиҳои деҳқонӣ дар соли 2011 барои гирифтани қарз муроҷиат намуданд, аммо танҳо 28% онҳо қайд намуданд, ки ба даст овардани он осон ё хеле осон буд. Илова бар ҳалли қарзҳои хоҷагиҳои пахтакор, ҳукумат бояд аз таҷрибаи қарздиҳии мақсаднок даст кашида, ба ин хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ имконияти вусъат доданидастрасӣ ба маблағгузории

камарзиш, хизматрасониҳо ва маҳсулоти молиявиро фароҳам оварад. Дар баробари ин, ҳукумат бояд нақши худро дар бозор маҳдуд намуда тавассути Кодекси замин дар таҳрири нав ва идома додани судури шаҳодатномаҳои истифодаи замин, таъмини озодӣ дар парвариш ва фурӯши зироатҳои дилхоҳ, ҳуқуқ ва имкониятҳои деҳқононро васеъ намояд.

**38. Гузариш аз коғаз ба таҷриба ва амалӣ намудани он чизе ки тасдиқ шудааст.** Ҳукумат тарафдории худро дар робита бо татбиқиислоҳот, бахусус онҳое ки барои табдил додани Тоҷикистон ба кишвари барои сармоягузорӣ диққатҷалбкунанда заруранд, нишон дод. Кодекси андоз дар таҳрири нав, қонун Дар бораи ҳамкории бахши давлатӣ ва хусусӣ, ТШСИ, равзанаи ягона барои бақайдгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва тартиботи гумрукӣ, қонун Дар бораи соддакунии тартиби иҷозатномагирӣ ва таҳкими ҳифзи сармоягузорон аз ҷумлаи талошҳои афзун намудани нақши бахши хусусӣ дар рушди иқтисодии кишвар шаҳодат медиҳад. Бо вуҷуди ин, ширкатҳо ва корхонаҳо ба се монеаи асосӣ дар бурдани фаъолияти соҳибкорӣ ишора мекунанд: (а) сиёсати андоз ва идоракунии он; (в) бархурд бо коррупсия ҳангоми муносибат бо кормандони давлатӣ; ва (в) дастрасӣ ба қарз.[14] Ин то андозае аз мавҷуд будани фосила байни қабули қонун ва дар амал татбиқ намудани он шаҳодат медиҳад. Дар оянда, барои бурдани назорат аз болои иҷроиши ин қонунҳо иродаи бузургтар ва устувори сиёсӣ лозим меояд.

## IV. ТАШАББУСҲОИ ШАРИКОНИ РУШДИ ШҲР

**39. Илова бар тасдиқ намудани дастгирии доимии раванди рушд дар Тоҷикистон, шарикони ШҲР нӯҳ ташаббуси байнисоҳавӣ бо ҷалби шарикони мухталиф, ки барои расидан ба ҳадафҳои ченшаванда то соли 2015 дар шаш самти афзалиятноки СБСЗ равона шудаанд, пешниҳод мекунанд.** Самтҳои афзалиятнок инҳо мебошанд: ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ; таъмини рушд тавассути бахши хусусӣ; рушди иқтидори инсонӣ; истиқлолияти энергетикӣ; амнияти озуқаворӣ ва таъмини алоқа тавассути нақлиёт. Тибқи Принсипҳои умумӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ШҲР тасмим гирифтаанд дар мавриди нишондиҳандаҳои мушаххаси натиҷаҳо ва давраҳои пешрафт дар сатмҳои афзалиятнок дар аввали соли 2013 ба мувофиқа оянд.

**40. Ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ.** Набудани сареҳӣ, пайдарҳамӣ ва шаффофият мушкилии асосиро дар ислоҳоти идоракунии давлатӣ ба вуҷуд меоранд. Ғайр аз ин, набудани мақоми умумӣ ё давлатии масъули ҳисоб ба Парлумон дар иҷро намудани ӯҳдадориҳои конститутсионии худ имконият намедиҳад. Мавҷуд набудани низоми судии мустақил ва дастрасии маҳдуд ва фаҳмиши нокифояи волояти қонун, аз ҷумла ҳуқуқҳои инсон дар бунёди низоми ҳуқуқии самарабахш ва шаффоф мушкили эҷод мекунад. Ташаббуси пешниҳодшудадар таҳкими қобилияти Парлумон ҷиҳати иҷро намудани вазифаи назорати хароҷотҳои давлатӣ, идома додани татбиқи ислоҳоти идоракунии молияи давлатӣ ва беҳтар намудани дастрасии гурӯҳҳои маргиналӣ ё осебпазири аҳолӣ ба системаи судӣ мусоидат мекунад.

**41. Таъмини рушд тавассути бахши хусусӣ.** Бо вуҷуди афзоиши иқтисодӣ ва беҳбудиҳо дар фазои соҳибкорӣ, рушди бахши хусусӣ, ки бо сатҳи пасти сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ ва низоми заифи бонкӣ тафсиф меёбад, бо хавфи пешравии суст рӯ ба рӯ шудааст. Тоҷикистон дорои якчанд соҳаи рақобатпазир мебошад, аммо мушкилоти зиёди институтсионалӣ, моддию техникӣ ва меъёрию ҳуқуқӣ имконоти онҳоро маҳдуд месозанд. Ба ташаббусҳои пешниҳодшуда инҳо дохил мешаванд: (а) омода намудани нақшаи чорабиниҳо оид ба ислоҳот барои соли 2013, ки ба самтҳои зерин равона шудааст: содда кардани тартибот барои сармоягузорон; беҳтар намудани дастрасӣ ба кишвар; тақвият

[14] Тоҷикистон: Меморандуми иқтисодӣ оид ба кишвар, Бонки ҷаҳонӣ, 2011

додани ҳифзи сармоягузорон; беҳтар намудани муколамаи бахши давлатӣ ва хусусӣ ва идоракунӣ; (б) баъди шомилшавии Тоҷикистон ба СЦС, омода намудани стратегияи кӯмаки техникии зарур барои мусоидати Ҳукумат дар иҷро намудани ӯҳдадориҳои худ; ва (с) фароҳам овардани шароит дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ барои рушди фарогири иқтисодии деҳот тавассути дастгирӣ намудани занҷири арзиш.

**42. Рушди иқтидори инсонӣ.** Бо вуҷуди пешравиҳои охирин, дастрасӣ ба кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва аз сабаби ҳаҷми хурд, микёси фарогирии маҳдуд ва нишонгирии заиф кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ низ камтаъсир боқӣ мемонанд. Дуюм, дастрасӣ ба оби тозаи нӯшокӣ ҳоло ҳам яке аз мушкилоти асосии хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад. Сеюм, афзоиши ҳаҷм ва аҳамияти маблағҳои пулии интиқолшаванда такмилдиҳии сиёсат ва фазои меъёрию ҳуқуқии муҳоҷиратро тақозо мекунад. Ба се ташаббуси пешниҳодшуда инҳо дохил мешаванд: (а) баланд бардоштани самаранокии маблағгузорӣ ва азхудкунии захираҳои соҳаи тандурустӣ ва вусъатдиҳии фарогирӣ ва пешниҳоди пакети асосии кӯмакпулӣ; (б) таъсис додани фонди ҷумҳуриявии рушди хизматрасониҳои коммуналӣ (ФРХК), ки бо таъминоти оби ғайримарказикунонидашуда алоқаманд аст; ва (в) омода намудани сиёсати фарогир ва низоми меъёрӣ, ки ба афзудани фоида ва кам намудани хароҷоти муҳоҷират мусоидат мекунад.

**43. Дар фасли зимистон, Тоҷикистон бо норасоии назарраси нерӯи барқ рӯ ба рӯ мешавад, ҳоло он ки дар тобистон кишвар нерӯи барқи зиёдатиро, ки зарфияти содиротии он ба пуррагӣ истифода намешавад, истеҳсол мекунад.** Мушкилоти мазкур бо фарсудашавии воситаҳои асосии истеҳсоли нерӯи барқ, ғайрисамаранок будани системаи интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ва талафот, ва масъалаҳои асосии идоракунӣ, бахусус фаъолияти заифи молиявӣ, идоракунӣ ва истифодабарӣ дучанд мегарданд. Илова бар ин хароҷоти бузургӣ иқтисодӣ, таъминоти нокифоя ва ноустувори нерӯи барқ низ ба зиндагии мардумро бахусус дар минтақаҳои деҳот мушкил мегардонад. Ташаббуси пешниҳодшуда ба ҳаллу фасли мушкилоти зерин равона шудааст: якум, ҳалли мушкилоти норасоии барқ дар фасли зимистон тавассути амалӣ намудани чаҳор тадбири кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлат, ки ба ноилгардии амнияти энергетикӣ дарояндаи дарозмуддат мусоидат мекунанд; дуюм, тақвият бахшидани чораҳо оид ба таҷдиди иншоотҳои гидроэнергетикии мавҷуда, баланд бардоштани самаранокии низоми интиқол ва тақсимоти нерӯи барқ ва таҳкими идоракунии соҳаи энергетика.

**44. Дар робита бо амнияти озуқа ҳоло ҳам дар Тоҷикистон диққати асосӣ ба дастрас будани озуқаворӣ, яъне афзоиши истеҳсол ва таъмини субот тавассути назорат аз болои нархҳо ва фурӯхтани моводи озуқа бо истифода аз захираҳои давлатӣ, равона мешавад.** Аммо, диққати бештар бояд ба савдо, истеҳсоли маҳсулот дар хоҷагиҳои оилавӣ ва масоили ғизодиҳӣ равона шавад. Ташаббуси пешниҳодшудаба чор самт диққати махсус равона месозад: афзоиши истеҳсол ва пешбурди савдои захираҳои истеҳсолии кишоварзӣ ва маҳсулот; пешбурди афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар хоҷагиҳои оилавӣ барои фурӯш ва истеъмоли худӣ ҷиҳати дастгирии рушди воситаҳои зиндагонӣ дар деҳот бо диққати махсус ба нақши занон; вусъатдиҳии татбиқи лоиҳаҳои камарзиш ҷиҳати пешгирӣ намудани норасоии ғизо, инчунин дастгирӣ намудани иштироки Тоҷикистон дар ташаббуси Котиби генералии СММ “Вусъатдиҳии дастрасии ғизодиҳӣ”; паҳн намудани иттилоот оид ба амнияти озуқа ва ғизодиҳӣ, маълумот дар бораи нархҳои бозор ва хоҷагиҳо.

**45. Бо вуҷуди пешравиҳои охирин, шабакаи нақлиётии Тоҷикистон—дохилӣ, минтақавӣ (бо кишварҳои ҳамсарҳад) ва байналмиллалӣ ҳанӯз ба талабот ҷавобгӯ намебошад.** Илова бар ин, монеаҳои зиёд ҳамлу нақли фаромарзиро суст гардонда, боиси коҳишёбии самаранокӣ, афзоиши хароҷот, гирифтани пеши роҳи савдои минтақавӣ ва байналмиллалӣ мегарданд. Ташаббуси пешниҳодшудаамалӣ намудани чораҳои зерин равона шудааст: (а) барқарорсозӣ ва таҷдиди инфрасохтори мавҷудаи шоҳроҳҳои минтақавӣ; (б) нигоҳдорӣ ва

беҳтар намудани шабакаи миллии роҳҳо; (в) таҳкимдиҳии базаи меъёрию ҳуқуқӣ бо мақсади афзоиши иштироки бахши хусусӣ; (г) густариш додани фаъолияти ҳамлу нақли фаромарзӣ; ва (г) вусъатдиҳии алоқаи ҳавоӣ, бахусус ба бозорҳои берун аз минтақаи кишварҳои ИДМ (боркашонӣ ва мусофиркашонӣ).

**46.** Бо назардошти натиҷаи муҳокимаҳо дар Форуми рушд, вусъатдиҳии минбаъдаи ташаббусҳо бо мақсади ҳамроҳ намудани: ҳисоби хароҷот ва захираҳои зарурӣ; нақшаи амалисозӣ ва ҷадвал; нишондиҳандаҳои аввалия ва ҳамоҳангшудаи солонаи назоратӣ ва ҷамъбастӣ, пешбинӣ мешавад.

**47.** Бо назардошти натиҷаи муҳокимаҳо дар Форуми рушд, Ҳукумаи ҶТ ва ШҲР вусъатдиҳии минбаъдаи ташаббусҳо бо мақсади ҳамроҳ намудани: ҳисоби хароҷот ва захираҳои зарурӣ; нақшаи амалисозӣ ва ҷадвал; нишондиҳандаҳои аввалия ва ҳамоҳангшудаи солонаи назоратӣ ва ҷамъбастӣ, пешбинӣ мекунанд.

**Замимаҳо:**

1. Ӯҳдадориҳои шарикони рушди ШҲР барои солҳои 2010-12
2. Маълумоти мухтасар оид ба Тадқиқоти Бонкиҷаҳонӣ аз соли 2012: Дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ
3. Принсипҳои умумии ҳамкорӣ

1. Рӯйхати аъзоёни ШҲР

## Ӯҳдадориҳои аъзоёни ШҲР дар Тоҷикистон, 2010 -2012 (млн.долл.ИМА, аз рӯи самтҳои афзалиятноки СРМ)

| АЪЗОЁНИ ШРҲ | Ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ | Таъмини рушд тавассути бахши хусусӣ | Рушди иқтидори инсонӣ | Амнияти энергетикӣ | Амнияти озуқа | Таъмини алоқа | Дастгирии буҷет | ҲАМАГӢ АЗ РӮИ САРЧАШМАИ МАБЛАҒГУЗОРӢ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Муассисаҳои дуҷониба** | | | | | | | | **452.8** |
| Шабакаи рушди Оғо-Хон (AKDN) | 0.0 | 7.9 | 19.6 | 8.7 | 0.0 | 0.0 | | **36.2** |
| Вазорати рушди байналмиллалии БК (DFID) | 15.3 | 9.2 | 0.3 | 0.0 | 12.0 | 0.0 | | **36.8** |
| **Ҳукумати Олмон** | | | | | | | | **132.6** |
| *•Deutsche GesellschaftfürInternationaleZusammenarbeit (GIZ)* | *3.4* | *37.8* | *13.7* | *3.4* | *10.3* | *0.0* | | *68.6* |
| *•Бонки Олмонии рушд (KfW)* | *0.0* | *5.5* | *23.0* | *28.4* | *0.0* | *0.0* | | *56.8* |
| *•Хазинаи PATRIP* | *0.0* | *3.8* | *1.1* | *2.3* | *0.0* | *0.0* | | *7.2* |
| **Ҳукумати Ҷопон** | | | | | | | | **147.4** |
| *•Ҳукумати Ҷопон* | *0.4* | *0.8* | *13.0* | *4.9* | *4.7* | *48.1* | | *72.0* |
| *•Агентии ҳамкории байналмиллалии Япония (JICA)* | *0.0* | *0.0* | *13.5* | *2.8* | *0.5* | *58.7* | | *75.4* |
| **Ҳукумати Швейтсария** | | | | | | | | **32.5** |
| *•Ҳукумати Швейтсария* | *0.5* | *1.2* | *4.9* | *6.0* | *0.0* | *0.0* | | *12.6* |
| *•Идораи ҳамкории Швейтсария (SCO)* | *2.4* | *1.2* | *14.6* | *1.7* | *0.0* | *0.0* | | *19.9* |
| **Ҳукумати Штатҳои Маттаҳидаи Америко** | | | | | | | | **67.3** |
| *•Ҳукумати Штатҳои Маттаҳидаи Америко* | *1.1* | *0.0* | *2.6* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | | *3.7* |
| *•Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмиллалӣ (USAID)* | *13.47* | *0.0* | *17.34* | *0.64* | *32.16* | *0.0* | | *63.6* |
| **Муассисаҳои бисёрҷониба** | | | | | | | | **783.0** |
| Бонки Осиёгии Рушд (БОР) | 8.4 | 0.0 | 0.0 | 62.1 | 28.0 | 95.9 | 20.0 | **214.4** |
| Хазинаи рушди Евроосиё (EDB) | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 70.0 | **70.0** |
| Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) | 21.7 | 0.0 | 33.5 | 10.2 | 2.6 | 45.1 | | **113.1** |
| Иттиҳоди Аврупо (ИА) | 11.2 | 12.3 | 39.1 | 0.8 | 6.9 | 0.0 | 22.0 | **92.3** |
| Корпоратсияи байналмиллалии молиявӣ (КБМ) | 0.0 | 0.1 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | | **0.1** |
| Хазинаи байналмиллалии асъор (ХБА) | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 0.0 | 120.6*** | **120.6** |
| Бонки ҷаҳонӣ (БҶ) | 18 | 10.1 | 36.1 | 33 | 20 | 0.0 | 55.4 | **172.6** |
| **Агентиҳои СММ** | | | | | | | | **86.2** |
| **Хазинаи кӯдакони СММ (UNICEF)** | *0.0* | *0.0* | *7.6* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | | *7.6* |
| **Барномаи рушди СММ (БРСММ)** | *5.3* | *0.0* | *2.3* | *0.0* | *0.1* | *0.0* | | *7.8* |
| **Ташкилоти озуқа ва кишоварзӣ (FAO)** | *0.0* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | *1.9* | *0.0* | | *1.9* |
| **Раёсати коммисари олии СММ оид ба гурезагон (UNHCR)** | *0.0* | *0.0* | *0.8* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | | *0.8* |
| **Хазинаи байналмиллалии рушди кишоварзӣ (IFAD)** | *0.0* | *0.0* | *0.3* | *0.0* | *5.9* | *0.0* | | *6.1* |
| **Ташкилоти байналмиллалии меҳнат (ILO)** | *0.0* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | | *0.0* |
| **Созмони байналмиллалии муҳоҷират (IOM)** | *0.0* | *0.0* | *0.5* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | | *0.5* |
| **Хазинаи СММ дар соҳаи нуфуз (UNFPA)** | *0.0* | *0.0* | *2.0* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | | *2.0* |
| **Барномаи ҷаҳонии озуқа (БҶО)** | *0.0* | *0.0* | *42.0* | *0.0* | *15.2* | *0.0* | | *57.2* |
| **Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ)** | *0.0* | *0.0* | *2.5* | *0.0* | *0.0* | *0.0* | | *2.5* |
| ҲАМАГӢ АЗ РӮИ САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОК | **101.2** | **89.9** | **290.0** | **164.8** | **140.3** | **247.8** | **288.0** | **1322.1** |

* Сарчашма: Базаи маълумоти Лоиҳаи ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна ва пешбурди сармоягузорӣ (ACIP), бо маълумоте, ки аз ҷониби аъзоёни алоҳидаи ШҲР пешниҳод гардида (ба ҳолати охири моҳи ноябри соли 2012)

** Ба истисноi ӯҳдадориҳо дар доираи лоиҳаҳои экологӣ ва бисёрсоҳавии иборат аз мутаносибан $41.1млн.долл.ИМА ва $15.91млн.долл.ИМА

*** Барномаи ХБА захираҳои хориҷии Бонки миллии Тоҷикистонро пурра мекунад

**** Дар мавриди ҳисобҳои маълумоти DfID ва GIZ ҳисоби миёнаи қурби асъор барои се сол истифода шудааст

## Ӯҳдадориҳои аъзоёни ШҲР дар Тоҷикистон, 2010 -2012 (млн.долл.ИМА, аз рӯи самтҳои афзалиятноки СРМ)







### Замимаи 2: Маълумоти мухтасар оид ба Тадқиқоти Бонки ҷаҳонӣ аз соли 2012: Дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳои ҷамъиятӣ

### I. Натиҷаҳои Пурсише, ки соли 2011 дар байни хонаводаҳо оид ба хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва сифати онҳо гузаронида шуда буд

**Сарсухан**

Бо дастгирии фонди трастии ҳамкории донорҳо оид ба идоракунӣ (GPF), Бонки ҷаҳонӣ барномаи сесолаи Ба инобат гирифтани масоили идоракунӣ дар Тоҷикистон-ро амалӣ мекунад. Ҳадафи асосии барнома аз таҳкими фаъолияти идоракунӣ дар сатҳи кишвар, соҳаҳо ва лоиҳа, рушд ва густариши иқтидори идоракунии муштарӣ ва мусоидат ба талаб намудани идоракунии намунавӣ аз ҷониби шаҳрвандон, иборат аст. Вазифаи аввалиндараҷа дар доираи барномаи мазкур бунёди платформаи маълумот, аз ҷумла дар саросари ҷумҳурӣ гузаронидани пурсиш дар байни хонаводаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои хизматрасон ва шахсони мансабдор, маҳсуб меёбанд. Соли 2011-2012, пурсиш дар байни 2000 хонавода дар панҷ минтақаи Тоҷикистон бо мақсади ҷамоварӣ намудани маълумоти аввалия оид ба дастрасии онҳо ба хизматрасониҳои ҷамъиятие, ки аз ҷониби муассисаҳои гуногуни давлатӣ пешниҳод мегарданд, гузаронида шуд. Илова бар ин маълумот дар бораи сифати хизматрасонӣ, аз ҷумла дар соҳаи тандурустӣ, маориф ва таъминоти нерӯи барқ ҷамъ оварда шуд. Натиҷаҳои пурсишҳо имконияти беҳтар намудани дастрасӣ ва сифати хизматрасониро барои шаҳрвандони Тоҷикистон ошкор мекунанд. Дар замимаи мазкур, шарҳи кӯтоҳи натиҷаҳои пурсиш оид ба нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонӣ ба монанди дастрасӣ, сифат ва назари посухдиҳандагон оид ба тағйирот оварда шудааст.

**Назари хонаводаҳо оид ба хизматрасониҳои асосӣ: барқтаъминкунӣ**

Барқтаъминкунӣ хизматрасонии асосиест, ки паи ҳам бахусус дар фасли зимистон ба хонаводаҳо мушкилот эҷод мекунад. Тибқи натиҷаҳои пурсиш дар ҳоле ки ҳамаи посухдиҳандагон ба шабакаи барқ пайвастанд, махсусан қатъи нерӯи барқ (аз рӯи нақша ва берун аз он) падидаи маъмулӣ мебошад. Дар саросари ҷумҳурӣ, 81% хонаводаҳо дучори қатъи берун аз нақшаи барқ шуда теъдоди бештари посухдиҳандагони вилоятҳои Суғд ва Хатлон аз қатъи берун аз нақшаи барқ иттилоъ доданд (мутаносибан 82% ва 93%). Аз рӯи макони зист фарқияти баръало ба назар мерасад: посухдиҳандагони манотиқи деҳот нисбат

ба аҳолии шарҳрҳо бештар дучори қатъи барқ мегарданд. Барои маълумоти иловагӣ нигаред ба Ҷадвали А1. Вилояти кӯҳистони Бадахшон дар натиҷаҳои пурсиш мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад, зеро ба аҳолӣ дигар ширкат, Помир Энерҷӣ хизмат мерасонад. Дар ВМКБ дараҷаи пасттари қатъи берун аз нақшаи барқ аз ҷониби посухдиҳандагон иттилоъ шудааст (40% дар муқоиса бо фоизи миёнаи 81% дар саросари ҷумҳурӣ); бо вуҷуди ин, байни манотиқи шаҳрӣ ва деҳот тафовут боқӣ мемонад: фоизи бештари посухдиҳандагони деҳот нисбат ба аҳолии шаҳрҳо ба қатъи нерӯи барқ ишора карданд.

### Ҷадвали А1: Фоизи посухдиҳандагоне, ки дучори қатъи нерӯи барқ мегарданд, 2011

| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қатъи нерӯи барқ аз рӯи нақша | 84.3% | | 31.1% | 44.8% | | 90.9% | | 98.8% | | 88.5% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 59.7% | 96.2% | 31.1% | .0% | 53.6% | 69.5% | 100.0% | 94.2% | 100.0% | 74.7% | 91.4% |
| | **Дар ҷумҳурӣ** | | **Душанбе** | **ВМКБ** | | **Суғд** | | **Хатлон** | | **НТҶ** | |
| Қатъи нерӯи барқ берун аз нақша | 81.1% | | 77.8% | 39.7% | | 82.4% | | 93.3% | | 68.2% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 78.4% | 82.4% | 77.8% | 5.0% | 46.5% | 77.3% | 84.5% | 92.4% | 93.6% | 67.1% | 68.4% |

Фоизи баланди посухдиҳандагоне, ки аз қатъи барқ иттилоъ доданд ба масъалаҳои мунтазамӣ ва сифати хизматрасонӣ ишора намуданд. Тибқи пурсиш, посухдиҳандагон аз рӯи шкалаи 5 бал (аз 1-тамоман қаноатманд нестам то 5 – пурра қаноатмандам) бояд дараҷаи қаноатмандии худро аз сифати хизмати барқтаъминкунӣ баҳо медоданд. Натиҷаҳои нишон медиҳанд, ки дар саросари кишвар танҳо 15.5% бо сифати барқтаъминкунӣ "қаноатмандам" ё "пурра қаноатмандам" қайд намуданд. Ба Ҷадвали А2 нигаред. ВМКБ дар натиҷаҳои пурсиш мавқеи алоҳидаро ишғол мекунад, зеро ба аҳолӣ дигар ширкат, Помир Энерҷӣ хизмат мерасонад. Дар ВМКБ дараҷаи пасттари қатъи берун аз нақшаи барқ (40% дар муқоиса бо фоизи миёнаи 81% дар саросари ҷумҳурӣ) ва инчунин дараҷаи баландтари қаноатмандӣ аз сифати хизмати барқтаъминкунӣ аз ҷониби посухдиҳандагон иттилоъ дода шуд: 61% нисбат ба фоизи миёнаи 16%.

### Ҷадвали А2: Қаноатмандӣ аз сифати барқтаъминкунӣ

| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қаноатмандӣ аз сифати барқтаъминкунӣ | 15.5% | | 32.2% | 60.6% | | 13.2% | | 5.4% | | 18.4% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 27.7% | 9.6% | 32.2% | 96.8% | 53.5% | 32.2% | 4.8% | 7.3% | 4.9% | 26.2% | 16.8% |

Натиҷаҳои пурсиш ба он ишора мекунанд, ки дастрасӣ ба таъминоти барқ дар давоми ду соли охир бетағйир боқӣ мондааст. Вақте аз посухдиҳандагон пурсиданд, ки оё дастрасӣ ба хизматрасонӣ беҳтар шуд, бетағйир монд ё дар давоми ду соли охир кам шуд, аксарияти посухдиҳандагони минтақаҳо аз бетағйир мондани дастрасӣ ишора намуданд. Танҳо дар ду минтақа, шаҳри Душанбе ва ВМКБ зиёда аз 60% посухдиҳандагон аз беҳтаршавии дастрасӣ иттилоъ доданд (нигаред ба Ҷадвали А3).

### Ҷадвали А3: Тамоюлҳои ду соли охир: дастрасӣ ба таъминоти нерӯи барқ

| Тамоюлҳо: Дастрасӣ ба нерӯи барқ | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар шуд | 28.6% | 61.6% | 63.1% | 22.8% | 25.8% | 17.9% |
| Бетағйир монд | 53.5% | 32.9% | 18.5% | 52.7% | 59.1% | 62.9% |
| Кам шуд | 18.0% | 5.6% | 18.5% | 24.6% | 15.2% | 19.1% |

Ҷавобҳо ба саволи мушобеҳ оид ба сифати барқтаъминкунӣ бо мурури замон аз натиҷаҳои мушобеҳ дарак медиҳанд. Боз ҳам, аксарияти посухдиҳандагон бетағйир мондани сифат дар давоми ду соли охирро қайд намуданд, ба истисноии шаҳри Душанбе ва ВМКБ, ки дар он аксарияти посухдиҳандагон беҳтар шудани сифатро қайд намуданд. Нигаред ба Ҷадвали А4. Аз посухдиҳандагоне, ки беҳтаршавии сифатро ишора намуданд, ду сабаби асосии афзоиши дастрасиро мисол оварданд: камшавии ҳолатҳои қатъи барқ ва бардоштани маҳдудият дар таъминоти барқ, ки ба зиёдшавии соатҳои нерӯи барқи дастрас оварда расонид.

### Ҷадвали А4: Тамоюлҳои ду соли охир: сифати барқтаъминкунӣ

| Тамоюлҳо: Сифати барқтаъминкунӣ | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар шуд | 28.8% | 71.8% | 61.0% | 21.3% | 25.3% | 16.2% |
| Бетағйир монд | 51.5% | 26.9% | 19.5% | 51.2% | 57.2% | 61.8% |
| Коҳиш ёфт | 19.8% | 1.3% | 19.5% | 27.5% | 17.5% | 22.0% |

### Назари хонаводаҳо оид ба хизматрасониҳои асосӣ: Маориф

**Аҳамияти инкишофи қувваи кории соҳибмаълумот ва соҳибихтисос сол то сол афзоиш ёфта истодааст ва таъмин намудани дастрасӣ ба маълумоти босифат ба ҷавонони Тоҷикистон қадами муҳим дар расидан ба ҳадафи мазкур маҳсуб меёбад.** Бо вуҷуди баланд будани сатҳи фарогирӣ бо таҳсилот дар ҷумҳурӣ, танҳо 38% посухдиҳандагон қайд намуданд ки дастрасӣ ба таҳсилот “озод” ё “хеле озод” буд. Нигаред ба Ҷадвали А5. Дар ҳоле ки аксарияти посухдиҳандагон дар Душанбе ва ВМКБ ба озод будани дастрасӣ ба таҳсилот ишора намуданд, натиҷаҳои пурсиш дар вилоятҳои Суғд, Хатлон ва НТҶ камтар мусбатанд. Хонаводаҳо дар минтақаҳои шаҳр аз дастрасии озодтар ба таҳсилот иттилоъ медиҳанд, аз ҷумла 45% қайд намуданд, ки ба даст овардани он осон буд, дар ҳоле ки танҳо 36% хонаводаҳои деҳот ҷавоби мушобеҳ додаанд. Тафовут байни посухдиҳандагони шаҳр ва деҳот дар ҳар як минтақа якранг ба назар мерасад.

### Ҷадвали А5: Озодии дастрасӣ ба таҳсилот
### (% посухдиҳандагоне, ки озод ва хеле озод қайд намуданд)

| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Озодии дастрасӣ ба таҳсилот(% онҳое, ки озод ва хеле озод қайд намуданд) | 38.2% | | 50.1% | 73.3% | | 31.6% | | 36.1% | | 41.4% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 44.8% | 35.8% | 50.1% | 85.9% | 72.1% | 37.6% | 30.0% | 42.2% | 34.7% | 45.5% | 40.7% |

Аксарияти хонаводаҳо (76%) аз бетағйир мондани дастрасии онҳо ба таҳсилот дар давоми ду соли охир иттилоъ доданд. Натиҷаи мазкур дар тамоми минтақаҳо якхела ба назар мерасад. Нигаред ба Ҷадвали А6. Дар ВМКБ, ҷавобҳо бештар мусбат буданд. 30% посухдиҳандагон қайд намуданд, ки дастрасӣ ба таҳсилот беҳтар шуд, дар ҳоле ки танҳо 7% посухдиҳандагон дар НТҶ ҷавоби мушобеҳ доданд. Умуман, камтар аз 8% посухдиҳандагон дар тамоми минтақаҳо бо мурури замон коҳиш ёфтани дастрасиро қайд намуданд.

### Ҷадвали А6: Тамоюлҳои ду соли охир: Дастрасӣ ба таҳсилот

| Тамоюлҳо: дастрасӣ ба таҳсилот | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар шуд | 18.5% | 16.9% | 30.1% | 24.6% | 19.0% | 7.3% |
| Бетағйир монд | 75.7% | 76.3% | 69.9% | 70.9% | 75.0% | 85.0% |
| Коҳиш ёфт | 5.8% | 6.8% | .0% | 4.4% | 6.0% | 7.7% |

Қаноатмандӣ бо сифати хизматрасонӣ дар соҳаи маориф дар сатҳи паст қарор дорад: танҳо 23% хонаводаҳо дар ҷумҳурӣ қайд намуданд, ки онҳо аз сифати хизматрасониҳо

“қаноатманд” ё “пурра қаноатманд” буданд. ВМКБ ягона минтақаест, ки дар он аксарияти посухдиҳандагон қонеъ буданд (57%). Ба монанди натиҷаҳои дастрасӣ ба хизматрасониҳои соҳаи маориф, тафовути баръало байни посухандиҳандагони шаҳр ва деҳот ба назар мерасад: 33% хонаводаҳои шаҳрнишин дар муқобили 19% аҳолии деҳот қайд намуданд, ки онҳо аз сифати хизматрасониҳо қаноатманд мебошанд. Боз ҳам чунин вазъият дар ҳар яке азминтақаҳо бо тафовути назаррас байни посухдиҳандагони шаҳрҳо ва деҳот дар вилояти Суғд ва НТҶ ба назар мерасад. НигаредбаҶадвалиА7.

**Ҷадвали А7: Қаноатмандӣ аз хизматрасониҳои соҳаи маориф**

| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қаноатмандӣ аз сифати хизматрасониҳои соҳаи маориф (% онҳое, ки қаноатманд /пурра қаноатманд қайд намуданд) | 22.5% | | 39.2% | 56.6% | | 20.9% | | 14.9% | | 25.0% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 33.3% | 18.6% | 39.2% | 71.7% | 55.2% | 34.5% | 17.3% | 17.3% | 14.4% | 43.7% | 21.9% |

**Назари хонаводаҳо оид ба хизматрасониҳои асосӣ: Тандурустӣ**

**Дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ барои расидан ба ҲРҲ аҳамият дошта ба вазъи умумии саломатии аҳолӣ таъсир мерасонад.** Тавассути пурсиш дастрасӣ ба ва сифати хизматрасониҳои амбулаторӣ ва статсионарӣ баҳо дода шуда натиҷаҳо аз маҳдуд будани дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ дар Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳанд. Фоизи калони хонаводаҳо нисбат ба хизматрасониҳои статсионарӣ ба хизматрасонии амбулатории тиббӣ дар макони зисти худ дастрасӣ доранд. Аз шумораи онҳое, ки барои кӯмаки тиббӣ як моҳ пеш аз гузаронидани пурсиш муроҷиат намуданд, 62% ба хизматрасониҳои амбулаторӣ дар макони зисти худ пайдо намуданд, дар ҳоле ки танҳо 42% онҳое, ки ба хизматрасониҳои статсионарӣ ниёз доштанд ба хизматрасонии тиббӣ дар ҷои зисти худ дастрасӣ пайдо намуданд.

Натиҷаҳо аз зарурати баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ дарак медиҳанд: умуман, танҳо 36% посухдиҳандагон қайд намуданд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ “озод” ё “хеле озод” буд. Нигаред ба Ҷадвали А8. Ҷавобҳои мусбат дар ВМКБ ба назар мерасанд (79%), дар ҳоле ки танҳо 32% хонаводаҳо дар вилояҳои Суғд ва Хатлон қайд намуданд, ки дастрасӣ ба ин хизматрасониҳои тиббӣ озод буд. Боз ҳам мо шоҳиди тафовут дар дастрасии байни посухдиҳандагони минтақаҳои шаҳр ва деҳот мешавем: 43% хонаводаҳои шаҳрнишин дар қиёс бо 32% хонаводаҳои деҳот қайд намуданд, ки дастрасӣ намудани хизматрасониҳои амбулаторӣ озод буд. Тафовути бузургтарин дар НТҶ ба назар мерасад. 74% посухдиҳандагони шаҳрӣ мегӯянд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳо озод аст, дар ҳоле ки танҳо 36% хонаводаҳои деҳот чунин ҷавоб доданд.

**Ҷадвали А8: Озодии дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ**

| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Озодии дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ (% онҳое, ки озод ва хеле озод қайд намуданд) | 35.7% | | 44.2% | 78.6% | | 32.0% | | 31.6% | | 39.9% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 43.4% | 32.2% | 44.2% | 100%* | 74.2% | 43.1% | 25.8% | 33.5% | 31.0% | 74.1% | 35.8% |

Дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарӣ тамоюли мушобеҳро нишон медиҳад; бо вуҷуди ин, дараҷаи озодии дастрасӣ дар ҳама минтақаҳои нисбат ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ пасттар мебошад. Умуман, 29% хонаводаҳо қайд намуданд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарӣ дар муқоиса бо 36% ба хизматрасониҳои амбулаторӣ озод буд. Дар тамоми минтақаҳои ҷавобҳои мухталиф ба даст оварда шуданд: 51% дар ВМКБ дар муқоиса бо танҳо 19% хонаводаҳо дар НТҶ қайд намуданд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарӣ озод буд (нигаред ба Ҷадвали А9). Посухдиҳандагон аз шаҳрҳо нисбат ба деҳот бештар ба озод будани дастрасӣ ишора намуданд. Бо вуҷуди ин,

танҳо дар минтақаҳои шаҳрнишини ВМКБ аксарияти посухдиҳандагон қайд намуданд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарӣ озод буд ва ба зарурати густариш додани хизматрасониҳои статсионарӣ дар шаҳру деҳот ишора карданд.

### Ҷадвали А9: Озодии дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарии тиббӣ

| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Озодии дастрасӣ ба хизматрасонии статсионарии тиббӣ (% онҳое, ки озод ва хеле озод қайд намуданд) | 29.1% | | 37.7% | 50.5% | | 31.2% | | 30.4% | | 19.3% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 41.5% | 24.5% | 37.7% | 82.0% | 42.8% | 47.3% | 23.7% | 36.4% | 29.1% | 35.5% | 16.8% |

Дастрасӣ ба ҳар ду намуди хизматрасонии тиббӣ дар давоми ду соли охир беҳтар нагардид. ЯгонаистиснодарВМКБба назар мерасад. Дар ВМКБ 54% посухдиҳандагон қайд намуданд, ки дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ дар давоми ду соли охир беҳтар шуд. Нигаред ба ҷадвалиА10. Ин ягона вилоятест, ки дар он аксарияти посухдиҳандагон беҳтаршавии дастрасиро қайд намуданд.

### Ҷадвали А10: Тамоюли ду соли охир:<br>Дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ ва статсионарӣ

| | | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тамоюлҳо: Дастрасӣ ба хизматрасониҳои амбулаторӣ | Беҳтар шуд | 20.6% | 20.1% | 54.4% | 25.6% | 22.6% | 6.5% |
| | Бетағйир монд | 73.7% | 69.8% | 44.6% | 67.2% | 72.5% | 89.8% |
| | Коҳиш ёфт | 5.6% | 10.1% | 0.9% | 7.2% | 4.9% | 3.7% |
| | | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
| Тамоюлҳо: Дастрасӣ ба хизматрасониҳои статсионарӣ | Беҳтар шуд | 14.5% | 21.0% | 21.2% | 14.5% | 15.6% | 10.2% |
| | Бетағйир монд | 73.9% | 60.0% | 73.1% | 71.0% | 76.1% | 77.9% |
| | Коҳиш ёфт | 11.6% | 19.0% | 5.6% | 14.5% | 8.3% | 11.9% |

Сифати хизматрасониҳои тиббии ҳам амбулаторӣ ва ҳам статсионарӣ хеле паст баҳо дода шуд. Танҳо 16% хонаводаҳо аз хизматрасониҳои амбулатории тиббӣ қаноатманданд ва танҳо 19% қаноатмандии худро аз хизматрасониҳои статсионарӣ изҳор намуданд (нигаред ба ҷадвали А11). Дар робита бо хизматрасониҳои амбулаторӣ, сатҳи пасттарини қаноатмандӣ дар шаҳри Душанбе ва вилоати Хатлон (14%) ба назар мерасад, дар ҳоле ки сатҳи баланди қаноатмандӣ дар ВМКБ, ки 33% посухдиҳандагон изҳори қаноатмандӣ намуданд, мушоҳида шуд. Посухдиҳандагони шаҳрнишин нисбат ба деҳот каме бештар аз хизматрасониҳои амбулаторӣ қаноатманданд (мутаносибан 19% ва 14%). Тафовути бузургтарин байни посухдиҳандагони шаҳрнишин ва деҳот дар НТҶ (аз 61% то 13%) ба назар мерасад. Чунинвазъиятимушобеҳдарробитабохизматрасониҳои статсионарии тиббӣ дида мешавад. Натиҷаҳои умумӣ аз зарурати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои тиббӣ дар ҳамаи минтақаҳо гувоҳӣ медиҳанд.

### ҶадвалиА11: Қаноатмандӣ аз сифати хизматрасониҳои тиббӣ

| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қаноатмандӣ аз сифатӣ хизматрасониҳои амбулаторӣ (% нафароне, қаноатманданд/ пурра қаноатманданд) | 15.8% | | 13.9% | 32.5% | | 17.0% | | 13.6% | | 18.0% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | Шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 18.8% | 14.5% | 13.9% | 47.6% | 29.3% | 13.7% | 18.8% | 17.7% | 12.4% | 60.7% | 12.8% |
| | Дар ҷумҳурӣ | | Душанбе | ВМКБ | | Суғд | | Хатлон | | НТҶ | |
| Қаноатмандӣ аз сифатӣ хизматрасониҳои статсионарӣ (% нафароне, қаноатманданд/ пурра қаноатманданд) | 19.3% | | 9.0% | 34.5% | | 23.5% | | 16.8% | | 18.9% | |
| | шаҳр | деҳот | шаҳр | Шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот | шаҳр | деҳот |
| | 19.7% | 19.2% | 9.0% | 45.6% | 31.8% | 23.3% | 23.6 | 16.5% | 16.8% | 32.4% | 16.7% |

## II. Натиҷаҳои Пурсише, ки соли 2011 дар байни хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва сифати онҳо гузаронида шуда буд

**Сарсухан**

Бо дастгирии фонди трастии ҳамкории донорҳо оид ба идоракунӣ (GPF), Бонки ҷаҳонӣ барномаи сесолаи Ба инобат гирифтани масоили идоракунӣ дар Тоҷикистонро амалӣ мекунад. Ҳадафи асосии барнома аз таҳкими фаъолияти идоракунӣ дар сатҳи кишвар, соҳаҳо ва лоиҳа, рушд ва густариши иқтидори идоракунии муштарӣ ва мусоидат ба талаб намудани идоракунии намунавӣ аз ҷониби шаҳрвандон, иборат аст. Вазифаи аввалиндараҷа дар доираи барномаи мазкур бунёди маъхази маълумот, аз ҷумла дар саросари ҷумҳурӣ гузаронидани пурсиш дар байни хонаводаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои хизматрасон ва шахсони мансабдор, махсуб меёбанд. Соли 2011-2012, пурсиш дар байни 700 хоҷагиҳои деҳқонӣ дар чор минтақаи Тоҷикистон бо мақсади баҳодиҳии дараҷаи дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳо, аз ҷумла оби ирригатсионӣ, нерӯи барқ барои обёрии заминҳо, дастрасӣ ба маблағ, ба хизматрасониҳои кишоварзӣ ва маълумот дар бораи ҳамкорӣ бо мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ, гузаронида шуд. Натиҷаҳои пурсишҳо имкониятҳои беҳтар намудани дастрасӣ ва сифати хизматрасониҳоро ҷиҳати дастгирӣ намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инкишофи соҳаи кишоварзӣ ошкор мекунанд. Дар замимаи мазкур, шарҳи кӯтоҳи натиҷаҳои пурсиш оид ба нишондиҳандаҳои асосии хизматрасонӣ оварда шудааст.

**Назари хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба хизматрасониҳо: Захираҳои асосии истеҳсолӣ**
**Яке аз масъалаҳои доғдор барои хоҷагиҳои деҳқонӣ дастрасӣ ба оби ирригатсионӣ махсуб ёфта, худи пурсиш камбудиҳоро оид ба дастрасӣ ба ин ва дигар захираҳои иловагӣ ба монанди нерӯи барқ ва хизматрасониҳои кишоварзӣ нишон медиҳад.** Дар саросари ҷумҳурӣ, 88% деҳқонон ба оби ирригатсионӣ дастрасӣ доранд; аммо, тафовути намоён дар дараҷаи дастрасӣ дар минтақаҳо ба назар мерасад. Дар НТҶ, 79% деҳқонон дар муқоиса бо 97% деҳқонон дар вилояти Суғд ба оби ирригатсионӣ дастрасӣ доранд. Дастрасӣ танҳо бо мавҷуд будани манбаи об, балки бо сабукии дастрасии он арзёби мешавад. Озод будани дастрасӣ ба оби ирригатсионӣ паст арзёбӣ мегардад: танҳо як аз 4 деҳқон (26%) қайд намуд, ки дастрасӣ ба он “озод” ё “хеле озод” буд. Вазъият дар НТҶ мушкилтар мебошад, дар он ҷо танҳо 17% қайд намуданд ки дастрасӣ озод буд, дар ҳоле ки 43% посухдиҳандагон дар ВМКБ чунин ҷавоб доданд (нигаред ба Ҷадвали B1).

**Ҷадвали B1: Маълумоти ҷамъбастӣ оид ба захираҳои истеҳсолии кишоварзӣ**

| | Дар ҷумҳурӣ | Душанбе | ВМКБ | Суғд | Хатлон |
|---|---|---|---|---|---|
| Дастрасии ХД ба оби ирригатсионӣ дар соли 2011 (% нафароне, ки “ҳа” қайд намуданд) | 88.1% | 86.2% | 96.8% | 87.9% | 79.2% |
| Дастрасии оби ирригатсионӣ (% нафараное, ки “озод” ё “хеле озод” қайд намуданд) | 25.8% | 42.5% | 31.7% | 24.2% | 17.3% |
| Сифати таъминоти оби ирригатсионӣ (% нафароне, ки қаноатманд/пурра қаноатманд қайд намуданд) | 26.4% | 44.0% | 30.0% | 24.2% | 20.3% |
| Оё шумо медонед, ки харҷи таъминоти оби ирригатсионӣ чӣ тавр ҳисоб карда мешавад? (% нафароне, ки “ҳа” қайд намуданд) | 3.8% | 0%* | 1.7% | 7.4% | 0.8% |
| Сифати хизмати барқтаъминкунӣ (% нафараоне, ки қаноатманд/пурра қаноатманд қайд намуданд) | 5.9% | 66.7%* | 6.3% | 2.4% | 0%* |
| Сифати хизматрасониҳои кишоварзӣ (% нафароне, ки қаноатманд/пурра қаноатманд қайд намуданд) | 11.3% | 3.3% | 22.2% | 9.6% | 4.2% |

*Натиҷаҳо бо мақсади намоиш оварда шудаанд, зеро онҳо аз рӯи теъдоди кам ҷавобҳо асос ёфтаанд (<20 посухдиҳанда)

[15] There were no incidents of informal payments reported in GBAO, however, the sample size is under 20.

Назари хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба сифати таъминоти оби ирригатсионӣ ба озодии дастрасӣ мушобеҳ мебошад. Дар ҷумҳурӣ, 26% деҳқонон қайд намуданд, ки онҳо аз сифати таъминоти оби ирригатсионӣ “қаноатманд” ё “хеле қаноатманд” мебошанд. Масъалае, ки ҳангоми пурсиш ба миён омад норасоии иттилоот байни истифодабарандагон ва корхонаҳои хизматрасон буд: зиёда аз 96% деҳқонон қайд намуданд, ки намедонанд чӣ тавр харҷи таъминоти оби ирригатсионӣ ҳисоб карда мешавад.

Баҳои посухдиҳандагон ба сифати захираи иловагии истеҳсолӣ – нерӯи барқ хеле паст буд: дар ҷумҳурӣ, танҳо 6% хоҷагиҳои деҳқонӣ қайд намуданд, ки аз таъминоти нерӯи барқ “қаноатманд” ё “хеле қаноатманд” мебошанд. Натиҷаҳо дар ВМКБ ба куллӣ фарқ мекунанд, дар ин минтақа аз се ду ҳиссаи деҳқонон (67%) қайд намуданд, ки аз таъминоти нерӯи барқ қаноатманд мебошанд. Аммо, таъминоти нерӯи барқ дар ин минтақа ба ӯҳдаи ширкати Помир Энерҷӣ мебошад.

Тавре ки посухдиҳандагон нисбат ба сифати хизматрасониҳои кишоварзӣ арза доштанд, натиҷаҳо тафовути калонро дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои кишоварзӣ нишонд доданд. Танҳо 11% деҳқонон қайд намуданд, ки аз дастрасӣ “қаноатманд” ё “хеле қаноатманд” мебошанд. Фоизи баландтарин дар вилояти Суғд (22%) ба назар мерасад, дар ҳоле ки дар НТҶ ва ВМКБ он поёнтар аз 5% мебошад.

**Назари хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба хизматрасониҳо: Дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ**
**Дастрасии хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ ба воситаҳои молиявӣ то андозае ба рушди иқтисодӣ дар бахши кишоварзӣ мусоидат мекунад ва натиҷаҳои пурсиш аз он шаҳодат медиханд, ки дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ ва қарзии зарурӣ мушкил мебошад.** Мувофики натиҷаҳои пурсиш соли 2011 72% хоҷагиҳои деҳқонӣ барои гирифтани қарз муроҷиат намудаанд. Фоизи баландтарин дар вилояти Суғд ва НТҶ мушоҳида мешавад. Аммо, танҳо 28% посухдиҳандагон оид ба дастрасии қарз дар бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзию молиявӣ дар соли 2011 “озод” ё “хеле озод” буд (нигаред ба Ҷадвали В2). Вазъият барои хоҷагиҳои деҳқонии вилояти Хатлон ва НТҶ мушкилтар ба назар мерасад, зеро танҳо мутаносибан 19% ва 17% посухдиҳандагон ба озод будани дастрасӣ ба қарзҳои бонкӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ишора намуданд. Натиҷаҳои пурсиш аз он далолат мекунанд, ки мушкилии мазкур барои деҳқонон бартара карда шавад.

**Ҷадвали В2: Дастрасии хоҷагиҳои деҳқонӣ ба воситаҳои молиявӣ**

| | Дар ҷумҳурӣ | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| Оё хоҷагии деҳқонии шумо барои гирифтани қарз ба ягон банк ё дигар муассисаи қарзӣ дар соли 2011 муроҷиат намудааст? (% онҳое, ки “ҳа” қайд намуданд) | 71.6% | 45.5%* | 81.6% | 63.8% | 79.2% |
| Озодии дастрасӣ ба қарзи бонкҳо ва дигар муассисаҳои қарзию молиявӣ (% онҳое, ки “озод” ва “хеле озод” қайд намуданд) | 27.5% | 54.5%* | 46.9% | 19.0% | 16.7% |

* Натиҷаҳо бо мақсади намоиш оварда шудаанд, зеро онҳо аз руи теъдоди ками ҷавобҳо асос ёфтаанд (<20 посухдиҳанда)

Назари хоҷагиҳои деҳқонӣ оид ба хизматрасониҳо: хизматрасониҳои маъмурӣ ва меъёрӣ
Ҳамкорӣ бо мақомоти маъмурӣ ва назоратӣ метавонад барои хоҷагии деҳқонӣ мушкил бошад; аммо, деҳқонон нисбати хизматрасониҳои маъмурию меъёрӣ, аз ҷумла оид ба гирифтани шаҳодатномаи истифодаи замин ва бақайдгирӣ дар мақомоти андоз назари мусбат доранд. Умуман, аксарияти деҳқонон (59%) қайд намуданд ки бақайдгирӣ дар мақомоти андоз барои онҳо “осон” ё “хеле осон” буд ва ҳолатҳои пардохтҳои ғайрирасмӣ дар мақомоти андоз хеле кам ба назар мерасанд (2% дар ҷумҳурӣ). Нигаред ба ҷадвали В3. Дар минтақаҳо фарқияти

назаррас вуҷуд дорад: дар НТҶ фоизи пасттарин оид ба осон будани бақайдгирӣ дар мақомоти андоз (41%) мушоҳида мешавад ва посухдиҳандагон дар НТҶ оид ба ҳолатҳои бештари пардохти ғайрирасмӣ дар мақомоти андоз низ иттилоъ доданд (3.7%). Ҳаштоду ҳашт фоизи деҳқонон дар вилояти Суғд қайд намуданд, ки бақайдгирӣ дар мақомоти андоз осон буд ва инчунин оид ба кам будани ҳолатҳои пардохти ғайрирасмӣ иттилоъ доданд (1.6%).[15] Натиҷаҳои пурсиш оид ба бе мушкилӣ ба даст овардани шаҳодатномаи истифодаи замин умуман мусбат арзёбӣ мешаванд, зеро аксарияти деҳқонон (55%) қайд намуданд, ки ба даст овардани гарави? замин "осон" ё "хеле осон" буд (38% дар НТҶ ва 100% дар ВМКБ).

### Ҷадвали B3: Назари хоҷагиҳои деҳқонӣ нисбати хизматрасониҳои маъмурӣ ва меъёрӣ

| | Дар ҷумҳурӣ | ВМКБ | Суғд | Хатлон | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| Мушкил будани бақайдгирӣ дар мақомоти андоз (% онҳое, ки "осон" ё "хеле осон" қайд намуданд) | 58.8% | 75.0%* | 87.7% | 48.2% | 40.7% |
| Пардохтҳои ғайрирасмӣ дар мақомоти андоз (% онҳое, ки "ҳа" қайд намуданд) | 2.1% | 0%* | 1.6% | 1.8% | 3.7% |
| Мушкил будани гирифтани гарави замин (% онҳое, ки "осон" ё "хеле осон" қайд намуданд) | 55.3% | 100% | 50.0% | 50.6% | 38.1% |

*Натиҷаҳо бо мақсади намоиш оварда шудаанд, зеро онҳо аз руи теъдоди ками ҷавобҳо асос ёфтаанд (<20 посухдиҳанда)

[15] Дар ВМКБ ҳолатҳои пардохти ғайрирасмӣ ба қайд гирифта нашудааст, аммо шумораи посухдиҳандагон камтар аз 20 нафар мебошад.

## Принсипҳои умумии ҳамкорӣ байни Ҳукумати Чумхурии Тоҷикистон ва шарикони байналмиллалии рушд[16].

Принсипҳои умумии мазкур роҳҳои ҳамкории Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва дигар мақомот, сохтор ва шарикони миллии он, аз ҷумла шарикони байналмиллалии рушд ва Шӯрои ҳамоҳангсозии рушдро (ШҲР) дар раванди дастгирии рушди Тоҷикистон дар асоси Стратегии миллии рушд (СМР) ва Стратегияи беҳсозии некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон (ЧТ) (2013-2015) нишон медиҳанд. Ин принсипҳо дар Эъломияи Париж оид ба самаранокии кӯмаки беруна[17] аз соли 2005, аз ҷумла чор принсипҳои 4ум Анҷумани Пусан оид ба баланд бардоштани самаранокии кӯмаки беруна[18] аз соли 2011 асос ёфта, дар шароитҳои мавҷудаи Тоҷикистон истифода мешаванд.

***Принсипи умумии 1:***

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон дар ҳамоҳангсозии кӯмаки шарикони байналмиллалии рушд ҷиҳати дастгирии афзалиятҳои Стратегияи миллии рушд (2015) ва Стратегияи беҳсозии некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон (2013-2015) нақши калидиро мебозад. Шарикони байналмиллалии рушд дар таҳкими иқтидори Ҳукумат дар самти ҳамоҳангсозӣ кӯмак пешниҳод мекунанд.

***Принсипи умумии 2:***

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон бо дастгирии шарикони байналмиллалии рушд ва дар доираи Стратегияи миллии рушд ва Стратегияи беҳсозии некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон Барномаи миёнамӯҳлати хароҷоти давлатӣ, буҷети миллии солона ва барномаҳое, ки аз ҷониби шарикони байналмиллалии рушд маблағгузорӣ мешаванд, ба раванди фарогири татбиқи барномаҳо ҷиҳати таъмин намудани пайдарҳамии иқдомҳо, мепайвандад.

***Принсипи умумии 3:***

Шарикони байналмиллалии рушд маълумоти саривақтиро дар бораи фаъолияти худ ҷиҳати таъмин намудани банақшагирии самараноки давлатӣ ва ҳисобот оид ба барномаҳо ва лоиҳаҳои муштарак ва ҷараёни маблағҳои молиявӣ таъмин менамоянд. Шарикони байналмиллалии рушд талош мекунанд то дастгирии пешгӯишаванда, бисёрсолаи барномавии молиявӣ ва техникиро пешниҳод намоянд.

***Принсипи умумии 4:***

Дар бахшҳои мушаххас, шарикони байналмиллалии рушд бо Ҳукумати ҶТ дар самти истифодаи равиши бахшӣ, ҳамкорӣ мекунанд, яъне: як стратегия, як маркази ҳамоҳангсозӣ ва як сохтори мониторинг ва арзёбӣ. Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва шарикони байналмиллалии рушд ҷиҳати ташкили механизмҳои самараноки ҳамоҳангсозии бахшӣ тадбирҳои муштарак меандешанд.

***Принсипи умумии 5:***

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва шарикони байналмиллалии рушд диққатро ба вусъатдиҳии чунин фаъолияти лоиҳавии бомуваффақият равона месозанд, ки онхо накши онхо барои тамоми кишвар муассир ва мувоик мебошанд.

---

16 Ба шарикони байналмиллалии рушт 26 муассисаи байналмиллалӣ (дуҷониба ва бисёрҷониба), ки айни замон аъзоёни Шӯрои ҳамоҳансоҳии рушд (ШҲР) мебошанд, дохил мешаванд www.untj.org/dcc

17 Принсипҳои Эъломияи Париж оид ба самаранокии кӯмаки беруна: Манфиатдорӣ; (2) Баинобатгирӣ; (3) Ҳамоҳангсозӣ; (4) Ба даст овардани натиҷаҳо; (5) Ҳисоботдиҳии мутақобила.

18 4ум Анҷумани Пусан оид ба баланд бардоштани самаранокии кӯмаки беруна: (1) манфиатдории воқеӣ ба афзалиятҳои рушд аз ҷониби кишварҳои рӯ ба тараққӣ; (2) ҳамоҳангсозӣ; (3) ҳамкориҳо бо мақсади рушд; (4) шаффофият ва масъулияти мутақобила.

***Принсипи умумии 6:***

Шарикони байналмиллалии рушд хароҷоти амалиётиро коҳиш дода ҳамкориро тавассути гузаронидани миссияҳои муштарак, таҳлилҳои ташхисӣ ва омӯзишҳо таҳким медиҳанд.

***Принсипи умумии 7:***

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва шарикони байналмиллалии рушд ҷиҳати ҳамгироии пурраи марказҳои омодакунӣ ва татбиқи лоиҳаҳо ба сохторҳои вазоратҳо ҳамкорӣ намуда, шумораи онҳоро тавассути таъсис додани шуъбахоимуштараки масъул барои якчанд лоиҳа кам мекунанд. Шарикони байналмиллалии рушд инчунин аз ташкил додани марказхои нави татбики лоихахо канораҷӯӣ мекунад.

***Принсипи умумии 8:***

Шарикони байналмиллалии рушд талошҳои Ҳукуматро оид ба такмилдиҳии низомҳои фидутсиарӣ (молиявӣ) ҷиҳати афзун гардонидани ҳаҷми воридоти маблағҳои беруна ба буҷет ва тавассути буҷет дастгирӣ менамоянд.

***Принсипи умумии 9:***

Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон ва шарикони байналмиллалии рушд бо доираи васеи тарафҳои манфиатдор (аз ҷумла Парлумон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолии маҳаллӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ) оид ба банақшагирӣ ва амалӣ намудани барномаҳои муштарак, ки аз ҷиҳати молиявӣ ва техникӣ аз ҷониби шарикони байналмиллалии рушд дастгирӣ мешаванд, машварат мегузаронанд.

***Принсипи умумии 10:***

Шарикон байналмиллалии рушд ва Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон вазифадоранд ҳамоҳангсозии самараноки барномаҳо ва лоиҳаҳоро бо кӯмаки шарикони байналмиллалии рушд ва беҳтар намудани назорати онҳоро таъмин намоянд.

## РӮЙХАТИ АЪЗОЁНИ ШҲР ВА НАМОЯНДАГОН

**Муассисаву ташкилотҳои дуҷониба ва бисёрҷониба**

| | |
|---|---|
| Бонки Осиёгии Рушд (БОР) | Ҷ-би С. С. Ю, Намояндаи доимӣ дар кишвар, ccyu@adb.org |
| Шабакаи рушди Оғо-Хон (AKDN) | Ҷ-би Мунир Мералӣ, Намояндаи доимӣ, munir.merali@akdn.org |
| Вазорати рушди байналмиллалии БК (DFID) | Ҷ-би Билл Килби, Роҳбари гурӯҳ дар Осиёи марказӣ b-kilby@dfid.gov.uk |
| Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) | Ҷ-би Улф Ҳиндстром, Намояндаи доимии бонк hindstru@ebrd.com |
| Хазинаи рушди Евроосиё (EDB) | Ҷ-би Ғалимжан Ойнаров, Намояндаи доимӣ, oinarov_gr@eabr.org |
| Иттиҳоди Аврупо (ИА) | Ҷ-би Эдуард Ауэр, Сафир/Роҳбари ҳайат, eduard.auer@ec.europa.eu |
| Сафорати Олмон | Х-м Дорис Ҳертрампф, Сафир, l@dusc.diplo.de |
| Deutsche GesellschaftfürInternationaleZusammenarbeit (GIZ) | Ҷ-би Стефан Эрбер, Директор stefan.erber@giz.de |
| Корпоратсияи байналмиллалии молиявӣ (КБМ) | Ҷ-би Крис Миллер, Намояндаи доимӣдар кишвар cmiller1@ifc.org |
| Хазинаи байналмиллалии асъор (ХБА) | Ҷ-би Ари Эйсен, Намояндаи доимӣ дар кишвар aaisen@imf.org |
| Агентии ҳамкории байналмиллалии Япония (JICA) | Ҷ-би ИидаҶиро, Намояндаи доимӣ дар кишвар iida.jiro@jica.go.jp |
| Бонки Олмонии рушд (KfW) | Ҷ-би Стефан Лутз, Директор (Бишкек) stefan.lutz@kfw.de |
| Идораи ҳамкории Швейтсария (SCO) | Ҷ-би Питер Микула, Намояндаи доимӣ дар кишвар peter.mikula@sdc.net |
| Агентии Иёлоти Муттаҳида оид ба рушди байналмиллалӣ (USAID) | Х-м Кэти МкДоналд, Намояндаи доимӣ дар кишвар, kmcdonald@usaid.gov |
| Бонки ҷаҳонӣ (БҶ) | Х-м Марша Олив, Намояндаи доимӣ дар кишвар, molive@worldbank.org |

**Агентиҳои СММ**

| | |
|---|---|
| Намояндагии доимии СММ (UNRC) | Ҷ-би Александр Зуев, Ҳамоҳангсози доимӣ, alexander.zuev@undp.org |

| | |
|---|---|
| Ташкилоти озуқа ва кишоварзӣ (FAO) | Х-м Таҳмина Тураева, Ёвари намояндаи доимӣ,<br>takhmina.touraeva@fao.tj |
| Хазинаи байналмиллалии рушди кишоварзӣ (IFAD) | Х-м Зейнаб Кенҷаева, Намояндаи доимӣ дар кишвар<br>z.kenjaeva@ifad.org |
| Ташкилоти байналмиллалии меҳнат (ILO) | Ҷ-би СобирАминов, Ҳамоҳангсози миллӣ<br>aminov@ilo.org |
| Созмони байналмиллалии муҳоҷират (IOM) | Х-м Таҷма Курт, Роҳбари намояндагӣ<br>TKURT@iom.int |
| Хазинаи кӯдакони СММ (UNICEF) | Х-м Лайлӣ Мошири, Намояндаи доимӣ дар кишвар lmoshiri@unicef.org |
| Барномаи рушди СММ (БРСММ) | Ҷ-би Норимаса Шимомура, Директори кишварӣ, БРСММ<br>norimasa.shimomura@undp.org |
| Раёсати коммисари олии СММ оид ба гурезагон (UNHCR) | Ҷ-би Жозе Эукеда, Намоянда<br>euceda@unhcr.org |
| Хазинаи СММ дар соҳаи нуфуз (UNFPA) | Х-м Азиза Хамидова, Ёвари намоянда<br>hamidova@unfpa.org |
| Барномаи ҷаҳонии озуқа (БҶО) | Х-м Алзира Феррейра, Директори кишварӣ<br>alzira.ferreira@wfp.org |
| Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ) | Др. Павел Урсу, Намоянда<br>urp@euro.who.int |